**Бо ҳуқуқи дастнавис**

УДК 9+78 (575.3)

**НУРМАТЗОДА ҲАСАН**

# СОЗҲОИ МУСИҚИИ КОЛЛЕКСИЯҲОИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН САРЧАШМА ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои таърих**

**Ихтисос: 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ**
**ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Душанбе – 2019**

Диссертатсия дар шуъбаи таърих ва назарияи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Қобилова Бахринисо Туйчиевна -** доктори илмҳои таърих, сарходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мушовири илмӣ:** **Аскаралӣ Раҷабов -** доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи таърих ва назарияи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**: **Набиев Ваҳоб Машрабович -** дактори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич -** номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Ташкилоти тақриздиҳанда:** Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Ҳимояи диссертатсия 19 марти соли 2020 соати 13:30 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи И. Гандӣ ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.institute-history.) шинос шудан мумкин аст.
Автореферат санаи “_____”____________с. 2019 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих Хоҷаева Н.Ҷ.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Тоҷикон соҳиби таъриху фарҳанги бостонӣ буда, аз давраҳои қадим дар офариниш ва такмилу густариши созҳои мусиқӣ нодиракориҳои зиёде кардаанд, ки имрӯз маҳсули пурарзиши эҷодии онҳо дар осорхонаҳои бузурги ҷаҳон ва Тоҷикистон нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Як қисми асосии чунин мероси таърихию фарҳангии коллексияҳои созҳои мусиқӣ, ки дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ мешаванд, ҷузъи таркибӣ ва муҳими коллексияҳои осорхонаҳо ба шумор рафта, дар воқеъ, дар таҳқиқи илмӣ, инчунин барои баланд бардоштани маърифати мусиқии мардум ва завқи зебопарастии ҷомеа, таблиғи таърихи пайдоиш ва рушди мусиқӣ нақши арзанда доранд. Барои ҳамчун осори фарҳангӣ ва оммавӣ-маърифатӣ самаранок мавриди истифодаи васеъ қарор додани коллексияҳои созҳои мусиқии тоҷик, ки дар осорхонаҳо маҳфузанд, омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ барои равшан сохтани санъати мусиқии халқи тоҷик аз давраҳои бостон ва қарнҳои миёна то рӯзҳои мо аҳамияти ниҳоят калонро молик ҳастанд.

Бинобар ин, ҷиҳати омӯзиш ва муаррифии фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ - фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебошад. Баланд бардоштани дарк, савия ва завқи мусиқишунавии мардум яке аз шартҳои муҳими боло бурдани фарҳанги онҳо ва дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ тарбия кардани аҳли ҷомеа, ба хусус насли ҷавони ояндасози Тоҷикистон ба шумор меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки созҳои мардумии анъанавии мусиқӣ аз нигоҳи серхусусият буданашон (аз як тараф, ҳамчун ҷузъи моддӣ ва аз тарафи дигар, ҳамчун фарҳанги маънавӣ ба шумор рафтанашон) яке аз соҳаҳои мураккаб ва бисёрҷабҳаи таҳқиқотӣ мебошанд. Онҳоро санъатшиносон, мусиқишиносон, фарҳангшиносон, арғунуншиносон, муаррихон, бостоншиносон, мардумшиносон (этнологҳо), ҷомеашиносон, маводшиносон ва бисёр дигар мутахассисон мавриди омӯзишу таҳқиқи хеш қарор додаанд.

Бо дарназардошти муҳимияти гирдоварӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғибу ташвиқи созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо масъалаи мазкур зери назар ва дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст. Маҳз бо дар назар доштани аҳамияти илмӣ-амалӣ ва фарҳангии ин мавзӯъ ҳанӯз соли 1998 ҳангоми боздид аз Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков (минбаъд мухтасаран Осорхонаи Г. Завқибеков – Н.Ҳ.) Пешвои миллат дар дафтари тамошобин мулоҳизаҳои худро чунин сабт намудаанд: «Осорхонаи созҳои мусиқии акаи Гурминҷро тамошо карда, як олам таассурот гирифтам. Ин дар Тоҷикистон ягона осорхонаест, ки дар он асбобҳои гуногуни мусиқии аз

ниёгон баёдгормонда бо ташаббус ва саъю талоши ин ҳунарманди тавоно гирд оварда шудаанд. Илова бар ин, мо дар осорхона намунаи асбобҳои мусиқии халқҳои гуногуни ҷаҳонро низ мебинем. Ин осорхона дар тарбияи эстетикии ҷомеа, ба хусус ҷавонон хизмати босазо мекунад»[1].

Дар рисола бори нахуст созҳои мусиқии тамоми осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври комплексӣ ва дар асоси таҳқиқи бевоситаи онҳо, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. То имрӯз танҳо баъзе аз созҳои ҷудогонаи мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ шудаанду халос.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Доир ба созҳои мусиқии анъанавии тоҷикон аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, пеш аз ҳама олимони рус, осори зиёди таҳқиқотӣ таълиф гардидаанд. Дар ин асарҳо ҷанбаҳои гуногуни созҳо, яъне ҳамчун осори маданияти моддӣ, осори таърихӣ, падидаи иҷтимоӣ, нишонаи миллӣ, системаҳои овозӣ ё садодиҳанда таҳқиқ шудаанд. Дар асоси мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти мо масъалаҳои марбут ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таблиғу оммавигардонии созҳои мусиқии халқи тоҷик ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар осорхонаҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Аввалин гирдоварон ва муҳаққиқони созҳои анъанавии мусиқии халқи тоҷик, чуноне зикрашон рафт, олимони руси нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Эйхгорн А. Ф. (1844-1909), Зарубин И. И. (1887-1964), Самойлович А. Н. (1880-1938), К.Н. Росет, Рачинский И. И. (1861-1921) ва чанде дигарон мебошанд. Созҳои ҷамъовардаи онҳо имрӯзҳо дар осорхонаҳои бузурги Федератсияи Россия нигоҳдорию муаррифӣ карда шуда, на танҳо барои оммавигардонӣ, балки барои таҳқиқоти илмӣ низ сарчашмаи муҳиме мебошанд.[2]

---

[1]Раҳмонов, Э. Таассурот аз боздиди Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков / Э. Раҳмонов // Баҳори Аҷам. – 1998. - №7. – декабр.

[2] Полная коллекция музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – 16 с.; Зарубин, И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков Долина Бартанга / И. И. Зарубин // Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. – Петроград, 1917. – T.V. – С.126; Миронов, Н. Музыка таджиков / Н. Миронов. – Сталинабад, 1932. – 78 с.; Виноградов, В. С. Киргызская народная музыка / В. Виноградов. – Фрунзе: Киргизгосиздат, 1958. – 335 с.; Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.; Садоков, Р. Музыкальные инструменты древнего Хорезма в памятниках изобразительного искусства / Р. Садоков // Музыка народов Азии и Африки. – М., 1969. – Вып.1; Музыкальная культура древнего Хорезма. – Москва : Наука, 1970. – 138 с.; Кароматов, Ф. Узбекская инструментальная музыка (наследие) / Ф. Кароматов. – Ташкент, 1972. – 360 с.; Музыкальные инструменты народов Советского Союза в фондах Государственного центрального музея музыкальной культуры имени М. И. Глинки. Каталог / Составитель В. М. Куликов. – Москва, 1977. – 62 с. с илл.; Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – С.140-152; Slobin, Mark. Zentralasien // Aussereuropaische Musik in Einzeldarsteiiungen. Kassel, Basel, London; dtv. Brenreiter, edition MGG, 1980.; Хакимов, Н. Г. Музыкальный инструментарий таджиков // Таджикская музыка (коллектив авторов). – Душанбе, 2003; Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013; Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Августа Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с., илл.; Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.; Кабилова, Б. Т.

Ба радифи аввалин гирдоварандагони созҳои мусиқии халқи тоҷик, яъне муҳаққиқони рус кишваршиноси садаи XIX тоҷик Акрам-Полвон Аскаров низ шомил мебошад, ки созҳои ҷамъкардаи ӯ ҳоло дар Эрмитажи Давлатии Федератсияи Россия нигоҳ дошта мешаванд ва доир ба созҳои мусиқии ҷамъовардаи ӯ муҳаққиқон, ба вижа таърихшинос ва шарқшиноси рус В.В Бартолд маълумоти ҷолиб додаанд.[3]

Ба қатори аввалин пажӯҳишгарони созҳои мусиқии тоҷик, ки дар осорхонаҳои Тоҷикистон маҳфузанд, инчунин аз донишмандон Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н.Ҳ. низ ёд кардан бамаврид мебошад.

Онҳо ҳанӯз дар нахустин экспедитсияи санъатшиносӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон соли 1959 созҳои мусиқии рубоби қумрӣ ва баландзикомро, ки дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хоруғ нигоҳдорӣ мешаванд, таҳқиқ намуда, дар китобашон «Музыкальное искусство Памира» ҳамчун натиҷаи таҳқиқоташон созҳои мусиқии болозикрро ба таври васеъ шарҳу тавзеҳ карда, акси созҳоро бо тавсифи илмӣ овардаанд.

Соли 1963 аз ҷониби муҳаққиқони рус Вертков К.А., Благодатов Г., Язовитская Э. Феҳристи созҳои мусиқии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таҳти унвони «Атлас музыкальных инструментов народов СССР» нашр гардид. Дар ин феҳрист чанде аз созҳои мусиқӣ, ба монанди дутори хурд (думбра), рубоби қумрӣ, ғижаки бадахшонӣ ва чанбара (чиндаул) аз фонди Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо аксашон оварда шудаанд.[4]

Баъд аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи олимони санъатшинос ба таҳқиқи созҳои мусиқии осорхонаҳо бештар гардидааст. Бояд қайд намуд, ки дар омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳо саҳми пажӯҳишгарони ватанӣ, аз қабили Низомӣ А., Маҳмадамонов Х., Низомов Х., Таваккалов Ҳ., Нуров З.Г., Шарифзода Ф. хело назаррас аст. Дар доираи таҳқиқотҳои созшиносӣ якчанд таълифоти илмӣ, аз ҷумла, китоби пажӯҳишгар Х. Низомов «Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ»[5], китоби муҳаққиқ Х. Маҳмадамонов «Созҳои мусиқии Бадахшон», таълифоти Таваккалов Ҳ. ва Мамадшерзодшоев Ш. «Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт»[6], ҳамчунин асари илмии санъатшиноси тоҷик А. Низомӣ «Таърихи мусиқии тоҷик»[7] нашр гардидаанд, ки дар ин асарҳо як қатор созҳои мусиқӣ аз коллексияҳои осорхонаҳои Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд.

---

Истории музыкальной культури Таджикистана в 1917-1957: Дисс. док. истор. наук / Кабилова Бахринисо Туйчиевна. – Душанбе, 2016. – С.54.

[3] Бартольд, В. В. Ташкентский коллекционер Акрам-Пахлаван Аскаров / В. В. Бартольд. – Окраина; Самарканд, 1898. – №423.,

[4]Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.

[5] Низомов, Х. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ / Х. Низомов. – Душанбе: Бебок, 2012. – 158 с.

[6]Таваккалов, Ҳ. Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе, 2019. – 199 с.

[7] Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.

Дар рисолаи номзадии Нуров Г.З. “Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XX1вв.)”[8] ва монографияи Ф. Шарифзода «Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-2011 гг.)» дар баробари таҳлили ҷанбаҳои гуногуни кори осорхонаҳо ҳамчунин доир ба созҳои мусиқии Осорхонаи созҳои мусиқии Г. Завқибеков ва Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ маълумоти мухтасар дода шудааст.[9]

Соли 2015 ҷилди якум, соли 2017 ҷилди дуюм ва соли 2019 ҷилди сеюми китоби энсиклопедии «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик» нашр гардид, ки дар ҷилди якуми он созҳои мусиқии дунай, дутор, баландзиком, баландмақом, ғижак (форсӣ-тоҷикӣ), ду навъ ғижаки бадахшонӣ, даф, доира аз Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков, сози зарбии қошуқ аз Осорхонаи таърихии вилояти Суғд[10], дар ҷилди дуюми он созҳои мусиқии табли мунаққаш аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва танбӯри ороишӣ бо сабти номи Осорхонаи Кӯлоб ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Фарҳанги мусиқии тоҷик дорои анъаноти қадим мебошад. Бозёфтҳои созҳои бостонии мусиқӣ аз ҳафриётҳои археологӣ гувоҳи ин гуфтаҳоанд. Ин бозёфтҳо дар осорхонаҳо нигоҳдорӣ ва муаррифӣ мешаванд ва ҳамчунин барои омӯзиш ва оммавигардонии фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ба таври васеъ истифода мегарданд.[11] Дар омӯзиши

---

[8] Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – 27 с.

[9] Шарифзода, Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-20011 гг.) / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.125.

[10] Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2015. – №1. – 668 с.

[11]Живопись древнего Пенджикента. – М.: Издательство АН СССР, 1954. – 207 с. илл. 41 л. илл.; Искусство таджикского народа. – Сталинабад, 1960. – Вып.2. – 375 с.; Искусство таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1965. – Вып.3. – 349 с.; Серегин, В. Я. Раскопки по городище Ках-Каха 1 (Шахристан 1) / В. Я, Серегин // Сообщения Государственного республиканского музея истории краеведческого и изобразительного искусство. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Вып. IV. – С.29-58; Бубнова, М. А. Результаты раскопок поселения Базар-Дара в 1973 г. / М. А. Бубнова // Археологические работы в Таджикистане - Душанбе: Дониш, 1977. – Вып.XIII (1973 год). – 271 с.; Раҷабов, А. Созҳои мусиқӣ дар аҳди Сосониён / А. Раҷабов // Искусство Таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.191; Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.; Гулямова, Э. Музыкальные инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Известия Академии наук Таджикской ССР. – 1985; Гулямова, Э. Музыкальный инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С.133-134; Древности Таджикистана: каталог выставки. – Душанбе: Дониш, 1985. – 339 с.; Курбонов, Ш. Музыкальный инструмент из Тали Хамтуда (1-111 вв. н.э.) / Ш. Курбонов // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С.153-154; Бубнова, М. Древние музыкальные инструменты с территории Горно-Бадахшанской автономной области (по археологическим материалам) / М. Бубнова // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. Доклады и сообщения. – Душанбе, 1999. – К.1. – С.136 – 144; Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – Т.1. – 502 с., Раҷабов, А. Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён (Музыка в культуре Саманидов) / А. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 197 с.; Хакимов, Н. Г. Музыкальная культура таджиков / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 2004. – Кн.2. – 605 с., с илл.; Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с., илл.; Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384. – С.344.

созҳои мусиқии давраҳои қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик мусиқишиноси ватанӣ Н.Ғ. Ҳакимов саҳми арзанда гузоштааст.[12] Ӯ дар асарҳояш созҳои мусиқиро ҳамчун падидаи таърихӣ, фарҳангӣ, ҳунарӣ ва зеҳнӣ таҳқиқ карда, ташаккули ҳунари мусиқиро марҳила ба марҳила нишон додааст. Номбурда анъанаҳои мардумии санъати мусиқии тоҷиконро дар ҳамбастагӣ бо ҷанбаҳои гуногуни зиндагии мардум, маданияти моддӣ ва маънавии онҳо омӯхтааст. Дар таҳлили созҳои мусиқии бостонӣ Н.Ғ. Ҳакимов на танҳо аз маводи бостоншиносӣ, балки аз сарчашмаҳои хаттӣ - рисолаҳои мусиқишиносӣ низ фаровон истифода бурдааст.

Ҳамин тавр, аввалин гирдоварандагон ва муҳаққиқони созҳои мусиқии тоҷикон навозандагон ва этнографҳои асрҳои XIX ва ибтидои асри XX рус буданд. Дар таҳқиқи созҳои мусиқии халқи тоҷик инчунин олимони ватанӣ низ саҳми босазо гузоштаанд. Бо вуҷуди ин ҳама бояд зикр намуд, ки дар таърихшиносии тоҷик то ҳанӯз ягон таҳқиқоти ҷудогонаю вижае вуҷуд надорад, ки маҳз ба омӯзиши коллексияи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон бахшида шуда бошад. Аз ин рӯ муаллифи ин таҳқиқот кӯшиш намудааст, ки ин холигиро дар мавриди таҳқиқи созҳои мусиқии осорхонаҳои ҷумҳурӣ то андозае пурра намояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҷомеи коллексияҳои созҳои мусиқии тамоми осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати пажуҳиши таърих ва фарҳанги мусиқии халқи тоҷик мебошад. Созҳои мусиқӣ бахши муҳими мероси фарҳангӣ буда, муаррифгари дастовардҳои ҳунарии халқи тоҷик ба шумор меравад. Барои расидан ба ин мақсад дар диссертатсия масъалаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

- муайян кардани нақши созҳои мусиқӣ ҳамчун бахши муҳими мероси фарҳангӣ;
- муайян кардани ҷойгоҳи муҳаққиқони рус дар ташаккули коллексияҳои осорхонавии созҳои мусиқии халқи тоҷик;
- тавсифи созҳои мусиқии осорхонаҳои ш. Душанбе ва муайян кардани нақши онҳо дар таъриху фарҳанги тоҷикон, ҳамчунин баланд бардоштани фарҳанги мусиқишиносӣ ва зебопарастии сокинони пойтахт, инчунин меҳмонони дохилӣ ва берунӣ;
- таҳқиқи саҳми осорхонаҳои ноҳиявӣ ва вилоятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва оммавигардонии фарҳанги мусиқии халқи тоҷик;
- таҳлили фаъолияти осорхонаҳо дар самти ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатнигории созҳои мусиқӣ;
- омӯзиши роҳҳо ва усулҳои оммавигардонӣ, муаррифии созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо;
- нишон додани нақши созтарошони муосир дар таҳияву пуррагардонии коллексияҳои асбобҳои мусиқии осорхонаҳо;

[12]Хакимов, Н. Г. Музыкальная культура таджиков / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 2004. – Кн.2; Его же:

**Объекти таҳқиқот.** Коллексияҳои созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот.** Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ ҳамчун сарчашма барои омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, инчунин оммавигардонии онҳо.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот** асосан солҳои 1930 - 2019-ро фаро гирифтааст. Давраи мазкурро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти осорхонаҳо дар кори гирдоварӣ, ҳифз, омӯзиш ва оммавигардонии созҳои мусиқии мардуми тоҷик ба ду марҳила метавон ҷудо намуд. Марҳилаи якумро фаъолияти осорхонаҳо дар ҳифзу муаррифии созҳои мусиқӣ аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX то соли 2019 мебошад. Ин марҳилаҳо бо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат, инчунин рушди фарҳанг, аз ҷумла, кори осорхонаҳо робитаи мустақим ва ногусастанӣ доранд.

**Навгонии илмии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст коллексияҳои созҳои мусиқии ҳамаи осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври махсус ва ҷомеъ омӯхта шудаанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ аввалин маротиба шумораи умумии онҳо муайян карда шуда, барои ҳар яки он шиноснома тартиб дода шудааст. Бар замми ин, нахустин маротиба тавассути таҳқиқоти мазкур Феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таълифи рисола муаллиф аз методҳои илмие, ки дар асарҳои олимони шинохтаи ватанӣ ва рус истифода ва татбиқ шудаанд, инчунин аз усулҳои илмии таърихӣ, фарҳангшиносӣ ва таҳлилӣ васеъ истифода намудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот.** Сарчашмаи асосии таҳқиқотро созҳои мусиқии дар осорхонаҳои Тоҷикистон маҳфузбуда, ки аз ҷониби муаллифи рисола бевосита ташхис ва тавсиф шудаанд, ташкил мекунад. Дар баробари ин, муаллифи рисола аз маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо, гузоришҳои матбуоти даврӣ ба таври фаровон истифода кардааст. Аз рӯи мазмун ва хусусият ин маводро метавон ба шаш гурӯҳ табақабандӣ намуд:

1. Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон;
2. Маводи Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Бойгониҳои осорхонаҳои марказии ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ;
4. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ;
5. Маводи матбуоти даврӣ;
6. Мусоҳибаҳо бо санъатшиносон, навозандагон ва роҳбарони осорхонаҳои ҷумҳурӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**.

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро метавон дар мавридҳои зерин истифода намуд:

-дар таълифи асарҳои ҷомеъ оид ба масъалаҳои таърихи санъат ва фарҳанги халқи тоҷик;

-дар навиштани асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи рушди созҳои мусиқии тоҷик;

-ҳамчун манбаи таълимӣ дар дарсҳои тахассусии макотиби олии ҷумҳурӣ доир ба фарҳанги халқи тоҷик, мусиқӣ, осорхонашиносӣ, мардумшиносӣ.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

- ҷамъоварӣ, омӯзиш ва ба осорхонаҳо воридшавии созҳои мусиқии халқи тоҷик ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз гардида буд. Дар ин кор саҳми мусиқишиносон ва мардумшиносони рус А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росет, И. И. Рачинский ва дигарон калон аст. Маҳз бо кӯшиши ҳамин олимон бори аввал созҳои мусиқии тоҷикӣ дар шакли ҷомеъ ҷамъоварӣ карда шуда, дар осорхонаҳо, ба вижа осорхонаҳои Федератсияи Россия то ҳол нигоҳдорӣ мешаванд.
- кишваршиноси садаи XIX тоҷик Акрамполвон Аскаров яке аз аввалин гирдоварандагони созҳои мусиқии халқи тоҷик мебошад. Созҳои ҷамъкардаи ӯ ҳоло дар Эрмитажи Давлатии Федератсияи Россия маҳфуз мебошанд;
- ҷамъоварии мунтазам, омӯзиш ва ба осорхонаҳо воридшавии созҳои мусиқии халқи тоҷик дар Тоҷикистон ҳанӯз солҳои 1930 оғоз гардида, он бо таъсисёбии аввалин осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ алоқаманд буд;
- дар гирдоварии созҳои мусиқӣ хизмати кормандони осорхонаҳо, олимон, ҳамчунин ҳунармандон-устоҳои созтарош хеле калон аст;
- коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон барои омӯзиши таърихи инкишофи санъати мусиқии халқи тоҷик сарчашмаи боэътимод мебошанд. Маводи коллексияҳои осорхонаҳоро қисман А. Низомӣ, Х. Махмадамонов, Х. Низомов, Х. Таваккалов, З.Г. Нуров, Ф. Шарифзода дар таълифоташон истифода бурдаанд;
- коллексияҳои созҳои мусиқӣ беш аз ҳама дар осорхонаҳои пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе гирд оварда шудаанд. Масалан, дар Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон созҳои мусиқие ҳастанд, ки дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ ёфт шуда, ба а. III-II то м. - IX-X м. тааллуқ доранд ва аз анъанаҳои хеле қадимӣ ва рушдёфтаи мусиқии халқи тоҷик шаҳодат медиҳанд;
- дар шаҳри Душанбе ду осорхонаи махсуси созҳои мусиқӣ фаъолият доранд – Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ ва Осорхонаи созҳои мусиқии Г. Завқибеков. Бо мақсади таблиғи фарҳанги мусиқӣ дар назди осорхонаи Г. Завқибеков ансамбли фолклорӣ-этнографии “Само” ташкил карда шудааст;

- тартиб додани Феҳристи мукаммали созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳими муаллифи диссертатсия мебошад;
- ба намоиш гузоштан ва ба тамошобинони ватанӣ ва хориҷӣ муаррифӣ намудани созҳои мусиқии халқи тоҷик ва истифодаи онҳо дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти осорхонаҳои Тоҷикистон дар оммавигардонии фарҳанги мусиқӣ мебошад.

**Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 5 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Саҳми созтарошони тоҷик дар такмили созҳои мусиқӣ» (13.04.2018); дар конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар мавзӯи "Нақши Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ" (Осорхонаи миллии Тоҷикистон, факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 08.12.2018) ироа шудаанд.

**Сохтори рисола.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, чор зерфасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимҳо иборат мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ РИСОЛА

Дар муқаддима муҳимият ва навгонии мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд.

Боби якум- "**Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик**" аз ду зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли аввал - **"Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик"** доир ба таърихи омӯзиши коллексияи созҳои мусиқии мардуми тоҷик, ки охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқони рус А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росет, мусиқишинос ва композитор И. И. Рачинский ва дигарон ҷамъоварӣ шуда, дар осорхонаҳои Федератсияи Россия ба монанди Осорхонаи ба номи Пётри Якуми (Кунсткамера) АИ Россия, Осорхонаи этнографии Россия дар ш. Санкт-Петербург ва Осорхонаи муттаҳидаи фарҳанги мусиқии ба номи М.И. Глинка дар ш. Москва нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва муаррифӣ карда мешванд, маълумот дода шудааст.

Яке аз олимоне, ки дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши созҳои мусиқии мардуми тоҷик саҳми калон гузоштааст, ин мусиқишиноси рус Август Фёдорович Эйхгорн (1844-1909) мебошад. А.Ф. Эйхгорн зодаи кишвари Олмон буда, дар Театри калони Москва ба сифати скрипканавоз

фаъолият менамуд. Соли 1870 ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват менамоянд ва бо хоҳиши худаш ба Туркистон ҳамчун роҳбари оркестри нафасии гарнизони Сирдарё фиристода мешавад. А.Ф. Эйхгорн аз соли 1870 то соли 1872 миқдори зиёди созҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ намудааст.[13] Соли 1872 дар Осорхонаи политехникии шаҳри Москва дар доираи намоиши махсуси этнографӣ, ки аз ҷониби Кумитаи Туркистон омода гардида буд, созҳои мусиқии гирдовардаи А. Эйхгорн ба намоиш гузошта шудаанд. Вале тибқи маълумоти муҳаққиқ Т.М. Ҷонизода, пас аз соле ин созҳо барои намоиш ба Осорхонаи Вена бурда шуда, мутаассифона, пас аз намоиш дар осорхонаи мазкур аз ҳамон ҷо нопадид мегарданд ва доир ба таърихи минбаъдаи он ҳеҷ гуна маълумот вуҷуд надорад. А. Эйхгорн минбаъд аз соли 1883 дубора ба ҷамъоварии созҳои мусиқӣ машғул мешавад.[14] Созҳои мусиқии дубора ҷамъоварӣ намудаи А. Эйхгорн дар Осорхонаи муттаҳидаи фарҳанги мусиқии ба номи М.И. Глинка дар ш. Москва нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки шумораи зиёди ин созҳо чуноне маълумамон гашт, ба тоҷикон мансубанд. Ин осори нодир дар умум аз ҷониби А. Эйхгорн чун мероси халқҳои Осиёи Миёна баҳогузорӣ шудааст.[15] Вале ин осор дар сарсухани ба китоби А.Ф. Эйхгорн навиштаи В.М. Беляев, “Музыкальные инструменты Узбекистана” ва асари Ф. Кароматов “Узбекская инструментальная музыка” (Тошкент, 1972) ҳамчун мероси мусиқии халқи ӯзбек муаррифӣ шудааст, ки ин нуқтаи назар, албатта, бепоя ва беасос мебошад. Доир ба таҳқиқоти олимони ёдшуда аз ҷониби пажуҳишгари рус Т.М. Ҷонизода ва олимони тоҷик Б.Т. Қобилова ва А. Низомӣ баҳои илмӣ дода шудааст.

Коллексияи муҳими дигаре, ки барои омӯзиши фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик аҳамияти муҳими таърихӣ дорад, ин коллексияи созҳои мусиқии забоншинос, этнограф ва шарқшиноси рус Зарубин И.И. мебошад. Зарубин И.И. соли 1914 аввалин экспедитсияи илмии худро дар омӯзиши хусусиятҳои хоси забон ва этнографияи сокинони дараи Бартанг (ноҳияи Шуғнон) оғоз намудааст.[16] Аз 26-уми марти соли 1914 Кумитаи фаронсавии иттиҳоди байналмилалӣ доир ба омӯзиши Осиё ва Шарқи Миёна ба Кумитаи русӣ доир ба омӯзиши Осиё ва Шарқи Миёна пешниҳод менамояд, ки бо иштироки забоншиноси машҳури фаронсавӣ профессор Р. Готё якҷоя экспедитсияи забоншиносӣ ва мардумшиносии минтақаи Помир ба роҳ монда шавад[17]. Аз 30-юми июл Зарубин И.И. бо

[13] Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. Душанбе, «Адабиёти бачагона», соли 2014, С 344.

[14] Джани-заде М.Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Августа Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование. Москва.- 2013, - С.12

[15] Полная коллекций музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – 16 с.

[16] Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. – Пт., 1917. – С. 126.

[17] Готье Р. – Французский крупный специалист в области восточных языков. До Первое мировой войны являлся помощником директора в Парижской специальной школе восточных языков и

Р. Готё таҳқиқоти забоншиносӣ ва этнографии худро дар водии Бартанг оғоз намуданд. Онҳо маводи забоншиносӣ ва этнографиро аз ҳаёти мардуми Рӯшон (махсусан қисмати Бартанг) ҷамъоварӣ намуданд. Ҳамагӣ маводи этнографии онҳо 230 ададро ташкил менамуд, ки дар Осорхонаи антропология ва этнографияи Академияи илмҳои Россия дар шаҳри Санкт-Петербург маҳфузанд[18]. Чуноне ки Т.С. Визго дар китобаш ишора кардааст, И.И. Зарубин дар баробари дигар маводи этнографӣ аз Рӯшон 7 адад сози мусиқиро, аз қабили се адад рубоби бадахшонӣ, як адад рубоби камонӣ, як адад ғижак, як адад сетор ва як адад рубоби тоҷикӣ (афғонӣ)-ро низ ҷамъоварӣ намудааст. Созҳои мусиқии гирдоваринамудаи И.И. Зарубин то андозае аз ҷониби муҳаққиқони хориҷию ватанӣ омӯхта шудаанд. Вале то ҳол ин коллексияи нодир мавриди таҳқиқи мукаммал қарор нагирифтааст. Омӯзиш, тавсиф ва феҳристсозии пурраи ин коллексия вазифаи муҳими илмӣ буда, саҳми арзандае дар таҳқиқи фарҳанги мусиқии тоҷикон хоҳад буд.

Ҳамчунин дар ин зерфасл доир ба сатҳи омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик, ки аз ҷониби муҳаққиқони рус А.Н. Самойлович (1880-1938) А.Э. Регел (1845-1909), Э.Э. Ухтамский (1861—1921), С.М.Дудин (1883-1893), И.И. Рочинский (1861-1921) К.Н. Росет ҷамъоварӣ шуда, дар Осорхонаи антропология ва этнографияи Академияи илмҳои Россия (Кунсткамера) маҳфузанд, маълумот дода шудааст.

Аз таҳқиқоти муаллифи диссертатсия маълум мегардад, ки ташаккули ҷамъоварии созҳои мусиқии халқи тоҷик ҳамчун коллексияи осорхонаҳо ҳанӯз дар нимаи дуюми а. XIX ва ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқони рус оғоз гардида, донишмандони рус А.Ф. Эйхгорн, И.И. Зарубин ва кишваршиноси тоҷик Акрамполвон Аскаров ҳамчун пешоҳангони ин раванд дар кори ҷамъоварии созҳои мусиқии тоҷик хизмат карданд.

Дар зерфасли дуюми боби аввал – **“Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”** доир ба таърихи омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон маълумот дода шуда, аз саҳми арзишмавнди пажуҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Н.Ҳ. Нурҷонов, Ф.М. Кароматов, А. Вертков, Н.Ғ. Ҳакимов, А. Низомӣ, Х. Маҳмадамонов, Х. Низомов, Таваккалов Ҳ., Нуров З.Г., Шарифзода Ф. ва чанде дигарон ёдоварӣ шудааст.

Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н. соли 1959 дар Бадахшон экспедитсияи санъатшиносӣ гузаронида, созҳои мусиқии нодирро, аз қабили тутак, шаштор, ғижак, рубоби помирӣ ва даф ҷамъ оварда таҳқиқ карданд ва ба Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ супориданд. Натиҷаи ин таҳқиқот дар китоби олимони зикршуда бо

исследователем иранских наречий Средней Азии. Участник Первой мировой войне где получил тяжёлое ранения и 11-го сентября 1916 года скончался.

[18]Юсупов Ш. И. И. Зарубин на Памире // Памироведение. – Выпуск. – II. – Душанбе, 1985. – С. 36.

номи «Музыкальное искусство Памира»[19] ҷамъбаст карда шудааст. Муаллифон созҳои ҷамъоварӣ кардаашонро муфассал шарҳ дода, бештар ба хусусиятҳои маҳаллии анъанаҳои сознавозӣ ва созтарошӣ диққат дода, махсусият ва умумияти санъати мусиқии тоҷикони Бадахшон ва тоҷикони дигар минтақаҳоро нишон додаанд. Таълифи китоби мазкур на танҳо барои омӯзиши инкишофу рушди фарҳанги мусиқии минтақаи Бадахшон, балки дигар мавзеъҳои Тоҷикистон ва берун аз он ҳам аҳамияти калонро молик аст.

Дар даврони истиқлолият таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олимон нисбат ба омӯзишу муаррифии мероси анъанавии таърихӣ-фарҳагии халқи тоҷик бештар гардид. Дар ин солҳо коллексияҳои осорхонаҳо бо намунаҳои нав ва нодири созҳои мусиқӣ пурра гардиданд, осорхонаҳои нави асбобҳои мусиқӣ пайдо шуданд, як қатор китобҳои илмӣ доир ба созҳои анъанавӣ ва таърихи пайдоиш ва инкишофи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ба нашр расиданд.

Яке аз муҳаққиқони созҳои мусиқӣ ва фарҳанги мусиқии халқи тоҷик дар замони истиқлолият Хуршед Низомов мебошад. Мавсуф дар монографияи худ «Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ» таърихи пайдоиш, сохту намуд ва  пардабандии як катор созҳои мусиқии Осорхонаи Гурминҷ Завқибековро муфассал таҳқиқ ва таҳлил намудааст. Муаллиф созҳои мусиқиро аз рӯи намудашон гурӯҳбандӣ намуда, хусусиятҳо, таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳар созро шарҳ додааст.

Пажуҳишгари дигари тоҷик Х. Маҳмадамонов низ дар таҳқиқи созҳои мусиқӣ ва фарҳанги мусиқии халқи тоҷик саҳми арзанда дорад. Соли 2013 китоби ӯ бо унвони «Созҳои мусиқии Бадахшон»[20] ба табъ расид. Муаллиф дар он доир ба созҳои мусиқии як қатор осорхонаҳои Тоҷикистон маълумот додааст. Инчунин дар асар муаллиф таснифи типологии созҳои мусиқиро таҳия намуда, маълумотномаро доир ба махсусияти созҳои гуногун ва оид ба ҳунармандони созтарош, устоҳои созҳои мусиқӣ овардааст. Арзиши кори муаллиф дар он аст, ки ӯ бештар дар таълифоташ аксҳои созҳои мусиқиро ҷой додааст, ки дар шинохти ин созҳо маводи ҷолиб мебошанд. Муаллиф бо созҳои мусиқии такмилёфта ҳамчун самти нав дар санъати мусиқии анъанавии тоҷикон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Аслиддин Низомӣ дар монографияи худ таҳти унвони «Таърихи мусиқии тоҷик» (Душанбе, 2014)[21] бо истифода аз созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон ки ҳангоми ҳафриётҳои бостоншиносӣ ба даст омадаанд ва дар асоси маводи этнографӣ таърихи пайдоиш ва инкишофи созҳо ва ҳунари мусиқии халқи тоҷикро аз қадим то ибтидои а. XX таҳлил ва баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, ӯ ҳангоми омӯзиши таърихи пайдоишу инкишофи созҳои мусиқии нафасии найҳои устухонии Тахти

[19] Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – 182 с.
[20] Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – 127с.
[21] Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.

Сангин (асрҳои III-II то мелод), найи устухонии аз Қалъаи Чилҳуҷраи асримиёнаи Уструшан бозёфтшударо (асрҳои IX-X) тавсиф ва таҳлил карда, анъанаҳо ва фарҳанги қадими мусиқӣ доштани тоҷиконро собит кардааст.

Соли 2019 Ҳ. Таваккалов ва Ш. Мамадшерзодшоев китоберо бо номи «Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт» нашр карданд. Дар ин китоб дар асоси таҳқиқи созҳои як қатор осорхонаҳои Тоҷикистон ва созҳои дар дасти мардум буда, доир ба таърихи пайдоиш ва инкишофи созҳои тории Бадахшон маълумоти ҷолиб оварда шудааст.[22] Аз ҷумла, муаллифон маъхазҳои густурдаи ба созҳои мусиқии Бадахшон иртиботдоштаро таҳқиқ намуда, доир ба вожаи рубоб ва таърихи пайдоиши он, ривоятҳо дар бораи рубоб, хусусиятҳои хоси рубоби помирӣ, тарз ва усули сохтани он ва дигар масъалаҳои марбут ба фарҳанги мусиқии мардумони Бадахшонро маълумот додаанд.

Ҳамин тариқ, коллексияҳои созҳои осорхонаҳои Тоҷикистон барои таҳқиқи таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳунари мусиқии суннатии тоҷик ва ҳолати имрӯзаи онҳо сарчашмаи муҳим мебошанд.

Боби дуюми рисола - **“Аҳамияти сарчашмавии коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон дар омӯзиши ҳаёти мусиқии халқи тоҷик**” аз ду зерфасл иборат аст.

Зерфасли аввал - **“Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар каллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи тоҷик”** дар асоси омӯхтани созҳои мусиқӣ, мавод ва сарчашмаҳои бойгонии осорхонаҳо таълиф гардидааст. Қисми зиёди маводи таҳҳқиқии рисоларо созҳои мусиқии осорхонаҳои шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд, ки дар байни онҳо Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҷойгоҳи хоса дорад. Осорхонаи миллӣ дар заминаи ашё ва коллексияҳои таърихии Осорхонаи милли ба номи К. Беҳзод ташкил карда шудааст. Шаклгирии аввалин коллексияҳои созҳои мусиқӣ шурӯъ аз соли 1934 маҳз бо ҳамин осорхона пайвасти ногусастанӣ дорад. Дар осорхонаи мазкур дар радифи дигар маводи таърихӣ 201 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки зиёда аз 50 намудро дарбар гирифта, аз тамоми манотиқи Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд. Ин колллексия аз най, карнаю сурнай, рубобҳо, таблу нағораҳои гуногун ва чанбараҳои нақшини мисин иборат аст. Баъдан аз солҳои 40-ум то солҳои 80-уми асри XX аз муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон, Матлуботи ҳунармандӣ, Филармонияи давлатии Тоҷикистон, аз созтарошон Сафоев Муродалӣ, Қодиров Шокирбой, Қодиров Рауф ва аз устодони санъат Қосимов Ҳошим, Ҳикмат Ризо, Ҷӯрабек Муродов созҳои мусиқии гуногун ба осорхона ворид шудаанд, ки то имрӯз дар ҳолати хуб ҳифз ва муаррифӣ мешаванд.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (шурӯъ аз соли 1991) дар қатори дигар анвои ҳунармандӣ созтарошӣ низ

---

[22]Таваккалов, Ҳ. Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе, 2019. – 199 с.

дар кишвар рушд кардааст, ки намунаҳои гуногуни созҳои такмилии ҳунармандони тоҷик дар ин давра ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ворид гардидаанд. Аз ҷумла, саҳми созтарошон Масайнов Майсан, усто Ғуломи Қодир, Ваҳобов Отаҷон, ҳунарманди ҷавон Ҳайдаров Саиднодир, устои мисгар Мирзо Мансуров ва дигарон дар эҳё ва такмили созҳои мусиқӣ хело назаррас аст, ки ҳунари эҷодии онҳоро дар Осорхонаи миллӣ дидан мумкин аст. Барои муаррифии бештари фарҳанги мусиқии тоҷикон солҳои охир танбӯрҳои устодони “Шашмақом” Содирхон Ҳофиз, Бобоқул Файзуллоев, Боймуҳаммад Ниёзов ва чанде дигарон ба осорхона ворид карда шуда, коллексияи осорхонаро ғанӣ гардонидаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар оммавигардонии созҳои мусиқӣ нақши Осорхонаи миллии Тоҷикистон хеле назаррас буда, созҳои мусиқии шахсиятҳои маъруф дар оммавигардонии фарҳанги мусиқии халқи тоҷик нақши муҳим дошта, ба ин Осорхонаи миллии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Дар осорхона як толори намоишии доимӣ ба асбобҳои мусиқӣ бахшида шудааст. Ҳамарӯза садҳо тамошобинони ватанӣ ва хориҷӣ созҳои мусиқии ин толорро дида, бо ҳунари мусиқии халқи тоҷик аз наздик шинос мешаванд. Ба ғайр аз ин, ҳамасола дар чорабиниҳои гуногуни муассиса бо ҷалби навозандагони касбӣ барномаҳои консертӣ ташкил мешаванд. Вале минбаъд бояд барои хубтар инъикос намудани созҳои мусиқии тоҷик дар толори Осорхона савту навои созҳои мусиқии тоҷик дар мониторҳо тавассути наворҳои видеоӣ манзури тамошобинон гардонида шаванд, ба мақсад мувофиқ мебуд. Аз ҷониби дигар, ба андешаи диссертант, ба осорхона ҷамъоварӣ ва муаррифӣ намудани созҳои мусиқии сато, барбат, қонун ва дунай, ки созҳои қадимаи тоҷикон ба шумор мераванд, хело муҳим аст. Чунин созҳоро аз муғанниҳо (навозандагон) ё созтарошони касбӣ дастрас кардан имконпазир аст.

Яке аз осорхонаҳои дигаре, ки дар шаҳри Душанбе дар ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифии созҳои мусиқии тоҷик нақши бориз дорад, ин Осорхонаи мардумшиносии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки соли 1949 дар назди сектори таърихи Институти таърих, забон ва адабиёти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

Пойгоҳи асосии осорхонаи мазкур Фонди сектори этнографияи Институти таърих ба ҳисоб мерафт, ки он соли 1948 ташкил гардида буд. Ташаббуси гирдоварии маводи мардумшиносӣ, аз чумла созҳои мусиқӣ ба узви вобастаи АИ СССР, олими намоёни соҳаи таърих ва этнография М.С. Андреев мутааллиқ мебошад. Коллексияи фондҳо асосан дар заминаи экспонатҳо, таҷҳизоти аз аҳолии ҷумҳурӣ ҳангоми экспедитсияҳо ҷамъоваришуда, таъсис гардида буданд. Дар осорхона 76 адад созҳои мусиқӣ, ки аз ҷониби этнографҳои русу тоҷик дар натиҷаи сафарҳои зиёде ба манотиқи кишвар гирд оварда шудаанд, ҳифз карда мешаванд. Нахустин созҳои мусиқии ин осорхона аз ноҳияи Ванҷи

ВМКБ бо кӯшиши М.С. Андреев ҷамъоварӣ шудаанд. Дар ташаккули коллексияи шуъбаи этнография кормандони Институти таърих, олимон А.К. Писарчик, Н.Н Ершов, А. Давидович, И. Муҳиддинов, О. Муродов, З. Широкова, Н.Ҳ. Нурҷонов ва дигарон саҳми арзишманд доранд.

Дар Осорхонаи мардумшиносӣ маҳсули ҳунари созтарошони маъруф Калим Саидов, Наботов Амирсултон (Дарвоз), Тавар Саидов (Ҷиргатол), Мунаввар Мамадаков (Рӯшон), Амонбеков Нафасбек (Шуғнон), Сафоев Муродалӣ (Хоруғ), Ёқубов Маҳмадмурод (Норак), Зиёев Муҳаммадсаид, Хоҷаев Ширин (Душанбе), кулолгарон Бобо Саид Расулов, Ҳалим Муқимов (Қаратоғ) нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Муаллифи таҳқиқоти мазкур қайд менамояд, ки дар ҷодаи ташаккули коллексияи созҳои мусиқӣ инчунин камбудиҳо, аз ҷумла, тармимталаб будани созҳои мусиқии осорхона ва ғайра ба назар мерасанд, ки бояд бартараф карда шаванд.

Дар таблиғи фарҳанги мусиқии бостонии тоҷик Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон низ нақши назаррас дорад. Ин осорхона с. 2001 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ ташкил шудааст. Дар он дар қатори дигар ашёҳои таърихӣ созҳои мусиқӣ низ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Қадимтарин созҳои мусиқии ин осорхона найҳои устухонии мансуб ба давраи Юнону Бохтарӣ мебошанд, ки соли 1979 дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ аз Тахти Сангин бозёфт гардидаанд ва дар ошёнаи якуми осорхона дар толори Тахти Сангин ба намоиш гузошта шудаанд.[23] Инчунин дар осорхона қисми болоии рубобе, ки аз шаҳраки Чилҳуҷра (асрҳои IV-VI) бозёфт гардидааст, мавҷуд мебошад. Қисмҳои рубоб, аз қабили харак (торгир) ба намоиш гузошта шудаанд, ки ба асрҳои IX-X тааллуқ дошта, аз ёдгории таърихии Бозор Дара (ВМКБ) соли 1973 бозёфт шудаанд.[24] Тибқи хулосаи муҳаққиқ М.А. Бубнова, рубоб аслан дорои чор тор будааст.[25]

Яке аз осорхонаҳои дигари ш. Душанбе, ки дар ҳифз ва оммавигардонии фарҳанги мусиқии тоҷикон саҳм дорад, ин Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ (1814-1985) мебошад, ки ба ифтихори оҳангсози шухратёри тоҷик чунин номгузорӣ шуда, он соли 1987 ташкил шудааст. Дар осорхонаи мазкур 43 адад созҳои мусиқӣ маҳфуз мебошанд. Дар байни созҳо созҳои мусиқие низ ҳастанд, ки ба худи Зиёдулло Шаҳидӣ мутааллиқ ҳастанд, навохтани онҳоро композитор ниҳоят дӯст медошт. Бинобар ин аз ӯ якчанд созҳои мусиқии най, қӯшнай, рубоб ва дутор боқӣ мондаанд, ки дар осорхона муаррифӣ мешаванд. Дар як қисми осорхона дар байни созҳои мусиқӣ танбӯрҳои устодони «Шашмақом» Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, ғижаки Ҳунарманди халқии РСС Тоҷикистон Фозил Солиев,

---

[23]Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – Т.1. – С.89.

[24]Бубнова, М. А. Результаты раскопок поселения Базар-Дара в 1973 г. / М. А. Бубнова // Археологические работы в Таджикистане - Душанбе: Дониш, 1977. – Вып.XIII (1973 год). – С.207.

[25]Древности Таджикистана: каталог выставки. – Душанбе: Дониш, 1985. – С.262.

дутори ҳунарпешаи театри Лоҳутӣ Муҳаммадҷон Халилов ҷойгоҳи хосаро касб кардаанд.

Як қисми дигари созҳои мусиқӣ аз сафирони сафоратхонаҳои кишварҳои дигар ба осорхона ҳадя гардидаанд. Соли 1995 аз ҷониби сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон Бандал Ҷай Шанкар 7 адад созҳои мусиқӣ, аз қабили 2 адад ситор 2 адад сози зарбии тумбак, 1 адад аккордеон (гармоникаи ҳиндӣ), 1 адад мандалина, 1 гитара туҳфа гардидаанд. Аз сафоратхонаи Туркия 1 соз туҳфа шудааст. Тазаккур бояд дод, ки Осорхонаи ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ тамошобинонро на танҳо бо созҳои мусиқии анъанавии тоҷикон ошно менамояд, балки инчунин дар муаррифии фарҳанги мусиқии халқҳои Машриқзамин саҳмгузор аст.

Бахшида ба ҷашни 100-солагии композитор З. Шаҳидӣ, ки бо мақсади оммавигардонии фарҳанги мусиқии тоҷикон баргузор гардида буд, дар назди осорхона саҳнаи доимоамалкунандаи ҳунарӣ сохта ва оро дода шудааст. Ҳамасола вобаста ба баргузории ҷашнҳои миллӣ дар ин осорхона семинарҳо, конференсияҳо ва барномаҳои консертӣ, инчунин дигар чорабиниҳои фарҳангию мусиқӣ гузаронида мешаванд. Дар натиҷаи омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаи мазкур диссертант зикр менамояд, ки бо вуҷуди сатҳи ҷумҳуриявӣ доштани осорхонаи ба номи З. Шаҳидӣ дар он якчанд камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, камбудиҳо дар ҳуҷҷатнигории созҳои мусиқӣ ва умуман ҳамаи нигораҳо ба мушоҳида мерасанд. Ҳамчунин дар осорхона консепсияи илмӣ, ки тамоми паҳлӯҳои мероси мусиқии тоҷикон, аз ҷумла чунин арзишҳои миллӣ чун Шашмақом, Фалак ва ғайра, инчунин фарҳанги мусиқии муосири Тоҷикистонро инъикос менамояд, вуҷуд надорад. Бар замми ин ҳама, коллексияи осорхонаро аз ҳисоби созҳои мусиқии аз муғанниён, устоҳо ва аҳолии Тоҷикистон гирдоваришуда бою ғанӣ гардонидан зарур мебошад.

Дар баланд бардоштани фарҳанги мусиқии мардуми Тоҷикистон ва муаррифии меҳмонони хориҷӣ бо арзишҳои миллии тоҷикон нақши Осорхонаи созҳои мусиқии шарқии Гурминҷ Завқибеков хеле калон аст. Ин осорхона соли 1990 бо ташаббуси Артисти халқии Тоҷикистон Гурминҷ Завқибеков (1929-2003) расман ифтитоҳ ёфтааст.[26] Гурминҷ Завқибеков худ ҳунарпешаи боистеъдод буда, мусиқиро ниҳоят дӯст медошт. Гурминҷ Завқибеков 32 намуд созҳои мусиқиро менавохт[27] ва ба ташкили осорхона маҳз маҳорати баланди навозандагии ӯ, муҳаббаташ ба мусиқӣ, таърих ва фарҳанги миллати худ боис гардидааст.

Дар ин осорхона 110 адад созҳои мусиқӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Онҳо аз рӯи хусусият ба ду гуруҳ ҷудо шудаанд: созҳои тоҷикӣ, ки аз ҷониби хешовандон ва дӯстонаш ба Г. Завқибеков ҳадя гардидаанд, аз ҷумла, дутори ҳадянамудаи Т. Ӯлҷабоев, сетори

---

[26]Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.114.

[27]Раҳмонқулов А. Санъаткори моҳир ва ҳунарманди асил. Паёми Душанбе № 79 (1629) 23 сентбри соли 2011.

Ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Ғуломҳайдар Ғуломалиев, панҷтори Ҳофизи халқии Тоҷикистон Акашариф Ҷӯраев, танбӯри устоди Шашмақом Фазлиддин Шаҳобов ва дигарон мебошанд. Бо дархосту маслиҳатҳои Завқибеков Г. созтарошони машҳури тоҷик Худоназар Андубеков, Амонбек Раҳматов, Гулбек Баҳриев ва Оғлӣ Алибеков, Усто Ҳофиз ва Усто Назар намудҳои гуногуни созҳои миллиро, амсоли сетор, рубоб, танбур, дутор, флейта, доира, чанг, лабчанг, таблак ва ғижак сохта, ба осорхона эҳдо намудаанд.

Гурӯҳи дуюмро созҳои мусиқии халқҳои гуногуни ҷаҳон ташкил мекунанд, ки ба осорхона эҳдо шудаанд. Масалан, гурӯҳи мутрибони Лаос ҷуфте аз таблҳои миллӣ, ҳунарпешаи кинои Афғонистон хонум Заргуна таблаке аз рӯи катибааш ба 1300 соли ҳиҷрӣ маҳсуббударо, ки ба ҳофизи мумтози ин кишвари ба мо дӯст Муҳаммад Сайфиддин (сарояндаи суруди машҳури “Маъсума”) тааллуқ доштааст, сетори афғонӣ, сафоратхонаи Амрико саксофон ва боншои амрикоӣ, сафоратхонаи Туркия соз, қомуз, камонча ва дутанаи туркӣ, сафоратхонаи Хитой табли дутарафа ва зангӯлаи мусиқӣ, сокини шаҳри Уфаи Бошқирдистон Маунс Гизатуллин лабчанги бошқирдӣ ва гармони тоторӣ, дӯсти наздики Гурминҷ аз Бишкек- қомуз, лабчанг ва найи сафолин, доктори санъатшиносӣ Людмила Шкилёва аз вилояти Куйбишеви Федератсияи Россия – думбраи қазоқӣ ва дигарон даҳҳо созҳои торӣ ва нафасиро ба осорхона ҳадя намудаанд. Осорхонаро инчунин ситори ҳиндӣ, гитараи испанӣ, мандалина, балалайка ва гармони русӣ, дутор ва найи эронӣ, гуслии белорусӣ, аккордеони олмонӣ, танбӯр ва дутори дупардагии ӯзбекӣ, тор ва камончаи қадимаи озарӣ, ғижжак ва сурнайи ветнамӣ, ғижаки арабӣ, скрипкаи итолиёӣ ва чандин созҳои торию нафасӣ ва зарбӣ оро додаанд. Осорхони Завқибеков бо ин хусусияташ аз дигар осорхонаҳо фарқ мекунад. Он тамошобинонро на танҳо бо созҳои мусиқии тоҷикӣ, балки созҳои мусиқии халқҳои дигари ҷаҳон низ ошно месозад. Ин хусусияти осорхона барои тамошобини тоҷик аҳамияти калон дошта, ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги мусиқии онро ғанитар ва фарохтар мегардонад.

Осорхонаи Г. Завқибеков ба оммавигардонии созҳои мусиқӣ таваҷҷуҳи хосса дорад. Аз ифтитоҳи осорхона то поёни умр Завқибеков Г. барои хотири тамошобинони осорхона ҳама намуди созҳоро менавохт. Дар осорхона барномаҳои консертӣ ташкил мешаванд, ки дар онҳо Нобовар Чаноров, писари Г. Завқибеков - Иқболшоҳ, ғижакнавоз Худоёр Курбонбеков, дафнавоз Мавлонназар Ғуломҳусенов дар назди меҳмонон баромадҳо менамоянд.

Пас аз вафоти Гурминҷ Завқибеков соли 2006 дар назди осорхона бо роҳбарии яке аз устодони санъат Шанбе Мамадаминов ансамбли «Само» ташкил карда шуд. Дастаи ҳунарӣ аз 5 нафар иборат буд. Файзимамад Назариев дар рубоби бадахшонӣ, Шанбе Мамадаминов-ижак, Шавқмуҳаммад Пулотов-сетор, танбӯр, Далер Паллаев-даф, Қурбоннасим Алишоев-таблак ҳунарнамоӣ мекарданд. Аввалин барномаи консертии ин ансамбл дар Хонаи кинои ш. Душанбе моҳи

декабри соли 2006 баргузор гардид. Барномаи консертӣ дар шакли албом ба Институти Исмоилиёни Лондон фиристонида шуда, сазовори ҷои намоён гардид. Ансамбл то ҳол дар рушди фарҳанги мусиқии тоҷик саҳми арзишманд мегузорад.

Доир ба муҳимияти ин осорхона дар ҳаёти мусиқии кишвар ва хориҷ аз он ақидаҳои ҷолиб дар китоби мулоҳизот дарҷ шудаанд. Котиби ҷамъияти дӯстии Фаронса ва Тоҷикистон Ҷ.Ш. Кристиан Турнеро аз осорхона чунин таассуроте бардоштааст. «Агарчи осорхонаи Шумо масоҳати хурд дорад, аммо бо ҳарорати эҳсоси қалби одамоне, ки онро ташкил карданд, вай ғановати зиёде пайдо кардааст. Ин далели маданияти волои миллии Шумо, эҳсоси хештаншиносии Шумо, муносибати ғамхоронаи Шумо ба мероси ҳунарии гузаштагонатон мебошад. Барои ин боздиди гуворо аз самими қалб миннатдорам».

Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки фаъолияти Осорхонаи Г. Завқибеков барои инъикоси намунаҳои гуногуни созҳои мусиқӣ ва рушди фарҳанги мусиқии тоҷикон аҳамияти калон дорад. Вале камбудии ҷиддии фаъолияти осорхона дар он зоҳир мегардад, ки аз ибтидои фаъолияташ то имрӯз ҳуҷҷатнигорӣ дар осорхона вуҷуд надорад ва руйхати созҳои мусиқии осорхона тартиб дода нашудааст.

Коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ мавҷуд мебошанд. Ба ин Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Рӯдакӣ - 11 намуд, осорхонаи Ҳисор – 12 намуд, Осорхонаи ба номи М. Турсунзодаи шаҳри Турсунзода – 7 намуд, Осорхонаи созҳои мусиқии миллии Қасри фарҳанги ш. Ҳисор - 22 намуд созҳоро доро ҳастанд, шомил мебошанд. Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Шаҳринав, ки моҳи октябри соли 1987 ташкил карда шудааст, дар осорхона гӯшаи санъат созмон дода шудааст, ки дар он 12 адад созҳои мусиқӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Ин созҳо аз сарояндагони маъруфи маҳаллӣ Ҳусейн Насриддинов, Муҳиддинов Рабӣ, аз созтароши маҳаллӣ Усто Маҳмуд ва дигарон ба ёдгор мондаанд.

Ба фикри муаллифи диссертатсия, мавҷудияти созҳои мусиқии халқи тоҷик дар осорхонаҳо дар ташаккулёбии фарҳанги мусиқӣ ва рушди шавқи зебопарастии мардумони ин ноҳияҳо ва махсусан ҷавонон таъсири мусбат хоҳанд расонд. Вале дар кори гирдоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифии созҳо фаъолияти осорхонаҳои мазкур чандон ҷоннок нест. Махсусан дар ин осорхонаҳо доир ба воридоти созҳои мусиқӣ ба осорхонаҳо дар китоби воридотӣ маълумоти дақиқ вуҷуд надорад ва имрӯз барқарор кардани чунин маълумот ғайриимкон мебошад.

Дар зерфасли дуюми боби дуюм - “**Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳоии Суғд ва Хатлон”** – таърихи фаъолияти осорхонаҳои минтақаҳои мазкур дар кори гирдоварӣ нигоҳдорӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқӣ, таснифи онҳо таҳлил гардидааст ва роҳҳою воситаҳои оммавигардонии онҳо баррасӣ шудааст, инчунин дар ин фасл масоиле, ки марбут ба фарҳанги мусиқӣ мебошанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар осорхонаҳои Бадахшон намудҳои гуногуни созҳои мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд, ки аз созтарошон, сароянадагони машҳури ин минтақа ба мерос мондаанд. Бояд зикр намуд, ки созҳое, ки дар сорхонаҳо ба намоиш гузошта шудаанд, ба ҳамдигар монанд набуда, ҳар яке вобаста ба номаш шаклу намуд ва сохти хоси худро дорад. Аввалин осорхонае, ки дар Бадахшон ба фаъолият шурӯъ намудааст, ин Осорхонаи вилоятии таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ аст, ки соли 1944 бо қарори Комитети Шӯрои депутатҳои ВМКБ таъсис ёфтааст. Дар осорхона 44 адад созҳои мусиқӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки бархе аз онҳо аз рӯзҳои нахустини фаъолияти осорхона ҷамъоварӣ шудаанд. Дар ғанӣ гардонидани коллексияҳои созҳои мусиқии ин осорхона саҳми кормандони он Нуряздонов Юсуф, Шанбезода Нодир, Хушомади Алилод назаррас аст. Яке аз коллексияҳои муҳими созҳои мусиқии ин осорхона рубоби бадахшонӣ, танбӯри бадахшонӣ, рубоби такмилии баландмақом ва дафи созтароши шаҳри Хоруғ Сафоев Муродалӣ мебошад, ки солҳои 40-ум ва 60-уми асри ХХ дар шакли такмилӣ сохта шудаанд. Созҳои мусиқӣ, аз қабили ғижаки тунукагӣ, рубоби помирӣ, сетор, танбӯр ва ғижаки такмилӣ бо номи давлатбекғижаки созтароши деҳаи Баррушони н. Рушон Раҷаббеков Давлатбек, созҳои такмилии тарруди седаста, масайнғижак, рубоби помирии созтароши н. Ишкошим Масайнов Масайн дар осорхона мавқеи хосса доранд. Дар осорхонаи ш. Хоруғ ҷевони махсус гузошта шудааст, ки дар он 7 адад созҳои мусиқӣ - танбӯри помирӣ, тор, рубоб, сетор, ғижак, думбра ва дутори Ҳофизи халқии Тоҷикистон, зодаи ш. Хоруғ Наврӯзшоҳи Қурбонҳусейн (1911-1992) ба томошо гузошта шудаанд.

Инчунин дар осорхонаи Хоруғ созҳои мусиқии ғижак ва рубобҳои гуногуни созтароши деҳаи Сохчарви н. Шуғнон Амонбеков Нафасбек, дутори Шлонов Давлатбек, рубоби сокини шаҳри Хоруғ Абдураҳмонов, рубоби Шукуриддинов Б., сетори Ҳокимбеков Мирзораҳмат, лабчангҳо аз Карамхудоев Д., ва Олифтаев Худодӯст ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд. Созҳои мусиқии осорхона, бешак, барои омӯзиши таъриху фарҳанги мусиқии халқи тоҷик аҳамияти вижа доранд. Вале, ба андешаи муаллифи диссертатсия, қисми зиёди онҳо тармимталаб буда, фарсудагии онҳо барои омӯзиш ва муаррифиашон монеа эҷод мекунад.

Осорхонаи дигаре, ки дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ нақши бориз дорад, ин Хона-музейи таърихӣ-кишваршиносии Мубораки Вахонӣ мебошад. Хона-музей дар деҳаи Ямги н. Ишкошим ҷойгир буда, соли 1993 ифтитоҳ гардидааст. Дар осорхонаи мазкур 19 адад сози мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешавад. Қадимтарин созҳое, ки дар осорхона ба намоиш гузошта шудаанд, рубоби баландмақом ва рубоби хурд, ки онҳоро Мубораккадами Вахонӣ дар охири асри XIX сохтааст, маҳсуб меёбанд. Чуноне ки санъатшиносон Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н. дар китоби «Санъати мусиқии Помир» қайд кардаанд: Мубораккадам рубоби баландмақомро дар асоси рубоби баландзикоми помирӣ ва рубоби афғонӣ (бадахшонӣ) дар шакли

тамоман дигар сохтааст.[28] Сабаби баландмақом ном гирифтани ин сози такмилӣ дар он аст, ки садои баланд доштааст ва дар асоси рубоби баландзикоми помирӣ ва рубоби афғонӣ (бадахшонӣ) такмил дода шудааст.

Дар Хона-музеи М. Вахонӣ якчанд созҳои мусиқӣ - най, лабчанг, ғижак, баландзиком, панҷтор ва ғ. ба намоиш гузошта шудаанд, ки аз ҷониби созтарошон ва шахсони санъатдӯсти моҳири минтақа Ашрабхонов Ҳушёрхон, Алимаҳмадов Пирмаҳмад, Солеҳов Макон сохта шуда, барои муаррифӣ ба осорхона ҳадя шудаанд.

Бо мақсади оммавигардонии созҳои мусиқии осорхона аз соли 2000 бо ташаббуси роҳбари осорхона Маликмамадов Айдимамад дар назди осорхона бо ҷалби сокинони синну соли гуногуни санъатдӯсти деҳа дастаи фолклории ҳаваскорони санъат бо номи «Сафинаи умед» таъсис дода шуааст, ки дар дастаи мазкур дар фалаксароӣ Субадори Қалъадор, Савлатов Гулмаҳмад, дар қасидасароӣ Аминшоев Амоншо, Маликмаҳмадов Ҷонмаҳмад, дар булбуликсароӣ Каромова Мобека, Шарипова Гулҷаҳон, Ғуломасайнова Гуластон, дар рақс Наргиси Амингулхон, Анҷелаи Фақермаҳмад маҳорати баланд дошта, дар ҷашну маросимҳо, маъракаву ҷамъомадҳои деҳа ва тамошобинонии дохилию хориҷии ба осорхона ташрифоваранда ҳунарнамоӣ мекунанд.

Дар деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рӯшон Хона-музеи созҳои мусиқии Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Минаков Мусаввал (1933-2012) фаъолият менамояд, ки соли 2012 таъсис ёфтааст. Дар осорхона созҳои мусиқӣ ҷойгоҳи хосаро касб карда, 30 адад мебошанд, ки ҳар кадом шакли хоси худро доранд. Созҳои мазкур вобаста ба гурӯҳбандӣ ба 8 қисм тақсим шудаанд: созҳои торӣ-мизробии сетор 8 намуд, 5 намуд сози торӣ-камонии ғижак, 2 намуд сози тории дутор, 1 намуд сози торӣ-мизробии тор, 1 намуд сози торӣ-мизробии танбӯри помирӣ, 8 намуд сози зарбии даф, 2 намуд доира, 1 намуд таблаки чӯбин, 1 намуд сози зарбии дуҳули чӯбин ва 1 намуд сози зарбии чӯбини қошуқро (як ҷуфт). Дар байни созҳои зикршуда сози зарбии дуҳул ва қошуқ нодиртарин ва арзишмандтарин ба шумор мераванд. Созҳои мусиқӣ аз ҷониби худи навозанда ва сарояндаи машҳур Минаков Мусаввал сохта шудаанд. Дар мавриди оммавигардонии созҳои мусиқии Бадахшон ва умуман мардуми тоҷик саҳми Минаков Мусаввал калон аст. Ӯ то поёни умр ба тамошобинони дохилию хориҷӣ ин созҳоро менавохт ва пас аз вафоти ӯ писараш Минаков Нуриддин ин анъанаи эҷодии ӯро идома медиҳад. Созҳои мусиқии осорхонаи Минаков Мусаввал нодир буда, ҳифзу муаррифии онҳо барои созшиносӣ ва фарҳанги мусиқии Тоҷикистон аҳамияти калон доранд. Аммо дар натиҷаи таҳқиқ диссертант ба чунин натиҷа мерасад, ки бинои осорхона барои нигоҳдории созҳои мусиқӣ мувофиқ набуда, намнокии бино боиси фаноёбии созҳои мусиқӣ гардидааст ва бояд масъулини Ҳукумати ноҳияи Рӯшони ВМКБ барои таъмини осорхонаи мазкур бо бинои нав чораандешӣ кунанд.

---

[28]Кароматов Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира (первая книга). Москва: 1978, С.15

Осорхонаҳои дигари Бадахшон низ ба монанди Хона-музеи Шоҳи Мардон дар деҳаи Намадгут, Хона-музеи Шоҳқамбари Офтоб дар деҳаи Лангари ноҳияи Ишкошим дар гирдоварӣ ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқӣ нақши бориз доранд.

Чуноне ки муаллифи диссертатсия қайд мекунад, дар тамоми осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон коллексияи нодири созҳои мусиқӣ мавҷуд мебошад, ки ҷиҳати таҳқиқи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик мақоми сазовор доранд. Онҳо, бешубҳа, дар баланд бардоштани фарҳанги мардуми маҳаллӣ ва меҳмонон, аз ҷумла меҳмонони хориҷӣ нақши назаррас доранд. Вале камбудиҳое, ки зикрашон дар боло рафт, фаврӣ бояд ҳалли худро пайдо намоянд.

Дар ҷамъоварӣ ва таблиғи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик осорхонаҳои вилояти Суғд низ саҳми калон доранд. Осорхонаи таърихии вилояти Суғд яке аз аввалин осорхонаест, ки соли 1931 ташкил шуда буд. Дар осорхонаи мазкур 28 адад созҳои мусиқии дорои аҳамияти таърихӣ, ки солҳои гуногун дастрас карда шудаанд, ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд. Масалан соли 1959 аз созтароши машҳури ш. Хуҷанд Шокиров Абдуқодир 10 адад созҳои мусиқии тор, дутор, танбӯр, ғижак, рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), рубоби қошғарӣ, чанг, най, доира ва қошуқ, соли 2014 аз созтарош, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусамадов Абдуғаффор 10 адад созҳои мусиқӣ аз қабили най, рубоб, дутор, думбра, тор, сетор, соз, танбӯр, доира ва таблак, соли 2016 танбӯр ва сози торӣ-камонии сатои устоди “Шашмақом” Маъруфхуҷа Баҳодуров (1920-1996) ва амсоли инҳо ба осорхона ворид гардидаанд, ки аҳамияти калони таърихӣ-фарҳангӣ доранд. Чуноне ки аз натиҷаи таҳқиқоти муаллифи диссертатсия бармеояд, ҳамаи ин созҳои мусиқӣ, ба ғайр аз табл ва карнай, дар фонди осорхона воқеъ буда, аз тамошои онҳо мардум бебаҳра мондаанд. Ҳамчунин бархе аз ин созҳо ба тармим ниёз доранд.

Созҳои мусиқӣ дар Осорхонаи таърихӣ - кишваршиносии ш. Конибодом низ мавқеи махсус доранд. Осорхона мазкур аз соли 1983 фаъолият дорад. Дар осорхона толори санъат созмон дода шудааст, ки фарҳанги мусиқии минтақаро инъикос менамояд. Дар ин толор созҳои мусиқии карнай, чанг, дутор, сетор ва ғайра муаррифӣ карда мешванд, ки аз ҳунармандони ш. Конибодом Шарофиддинов Баҳриддин, Юсупов Яҳё, Зокиров Акрам ҷамъоварӣ карда шудаанд. Мутаассифона ҳолати имрӯзаи ин созҳои мусиқӣ ҷавобгӯ ба талабот нестанд ва тармимталаб мебошанд. Бо мақсади оммавигардонидани созҳои мусиқӣ, истифодаи онҳо дар чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангии осорхонаи ш. Конибодом корҳои зиёде, ба монанди иштирок дар ҷашнҳо ва чорабиниҳои гуногун, ба сомон расонида мешаванд. Дар ҷашну маросимҳо ва чорабиниҳои гуногун барномаҳои консертӣ ва навохтани созҳои мусиқӣ ташкил карда мешавад. Махсусан бо ҷалби ҳунармандони ансамбли “Шашмақом” ва ғайра дар чорабиниҳои “Наврӯз-оини аҷдодӣ”, “Наврӯз-омили дӯстии халқҳо”, анъанаи халқии “Маросими рӯкушоён” дар осорхона

барномаҳои консертӣ баргузор гардидааст, ки ин иқдом то имрӯз идома дорад.

Дар шаҳри Хуҷанд Осорхонаи мусиқии Артисти халқии ИҶШС (1979) Ҷӯрабек Муродов фаъолият дорад, ки барои муаррифӣ намудани фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ҷойгоҳи хосаро касб кардааст. Осорхонаи мазкур соли 2015 дар бинои Академияи мақом, ки ҳамшафати факултаи санъати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аст, таъсис дода шудааст. Дар осорхона 31 адад созҳои мусиқӣ муаррифӣ карда мешаванд, ки 22 намудро дарбар гирифта, аз дӯстони ҳофиз аз дохил ва хориҷи кишвар туҳфа гардидаанд. Дар экспозитсия сетори Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов, рубоби бадахшонии (афғонӣ) Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикитон Нуралӣ Муродалӣ, ғижаки ҳунарпеша Муҳаммадҷон Муминов, най аз ҳунарпеша Рустам Одилов, таблак туҳфа аз писари ҳунарманд Ҷонибек Муродов ба намоиш гузошта шудаанд. Ҳамчунин созҳои мусиқӣ: дутор ҳамчун туҳфа аз Самарқанд, танбӯру чанг ва соз аз Тошканд, тор аз Қашқадарё, тор - аз Фарғона, 2 адад думбра аз Қирғизистон, соз- аз Туркия, барбат ва чанг - аз Яман, балалайка - аз Исроил ва ғайра ба намоиш гузошта шудаанд. Созҳои мусиқиро баъзан устоди санъат Ҷӯрабек Муродов ба тамошобинон менавозад.

Дар оммавигардонии фарҳанги мусиқии тоҷикон Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Панҷакент, Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Исфара, Осорхонаи мардумшиносии маҷмааи таърихӣ-фарҳангии “Истиқлол”-и шаҳри Хуҷанд саҳми босазо доранд.

Фарҳанги мусиқии вилояти Хатлон низ анъанаҳои қадима дорад. Дар осорхонаҳои ин вилоят низ намунаҳои зиёди созҳои мусиқӣ ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки барои дар рӯҳияи баланди фарҳангшиносии мардум хизмат мекунанд. Аввалин осорхона дар ш. Кӯлоб с. 1968 ташкил шудааст. Дар заминаи он соли 2006 бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб осорхонаи нав таъсис ёфт. Дар осорхонаи мазкур 22 адад созҳои мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ мешавад, ки аз ҳунармандон Ҷиён Қадамов, Назаров Муродалӣ, Ниёзов Тавар, Нозимов Шариф, инчунин аз созтароши моҳир усто Ғуломи Қодир, аз кулолгар Достаков Саттор ҷамъоварӣ шудаанд. Дар толори созҳои мусиқии осорхона созҳои такмилии чорсоз, рубоби тагорӣ, най, таблак, шаштор, соз, думбра ва ғайра ба намоиш бароварда шудаанд.

Барои таблиғи фарҳанги мусиқии тоҷик дар ш. Кӯлоб Хона-музейи шоир ва ҳофизи халқӣ Саидалӣ Вализода (1900-1971) низ амал мекунад. Хона-музеи мазкур 27-уми марти соли 1981 бо қарори Ҳукумати ш. Кӯлоб расман ба фаъолият шурӯъ кардааст.[29] Дар Хона- музей 10 адад созҳои мусиқӣ - дутор (3 адад), думбра (3 адад), ғижаки бадахшонӣ, сетор, доира ва таблак, ки ҳамаи онҳоро ҳофиз менавохт, ба намоиш гузошта шудаанд. Дар баробари мавҷуд будани экспозитсияи

[29] Хона-музеи Саидалӣ Вализода (Мураттиб Х. Вализода). Душанбе: Ирфон, 1989. С.3.

доимоамалкунанда, ҳамчунин дар Хона-музей толори махсус созмон ёфтааст, ки барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ-таблиғотӣ равона гардидааст ва тавассути чунин барномаҳои гуногуни мусиқӣ созҳои мусиқии шоир дар ин толор навохта мешаванд.

Соли 2001 дар ноҳияи Данғара Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара таъсис ёфт, ки дар он 16 адад созҳои мусиқӣ низ дар гӯшаи алоҳида ба намоиш гузошта шудаанд ва мутаассифона санади саҳеҳ надоранд. Соли 2013 ба осорхона 6 адад созҳои мусиқии ҳунарманд Ҷӯра Алиев, аз қабили най, ғижаки форсӣ, рубоби қошғарӣ, гитара, думбра, ва таблак ҳадя карда шуд. Барои инъикоси ҳаёт ва эҷодиёти Ҷӯра Алиев гӯшаи махсус созмон дода шудааст, ки созҳои мусиқии ӯ дар он муаррифӣ мешаванд.

Дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Бохтар (собиқ ш. Қӯрғонтеппа) гӯшаи созҳои мусиқӣ таъсис дода шудааст, ки дар он 17 адад созҳои мусиқии дутор, думбра, ғижак, рубоби такмилии тоҷикӣ (афғонӣ), тор, рубоби қошғарӣ, сетор, рубоби помирӣ, танбӯр, дуторбас, доира, таблак, най, рубоби прима муаррифӣ мешаванд. Дар асноди фондии осорхона ба ғайр аз тори Саидмурод Давлатов дигар созҳои мусиқӣ ба қайд гирифта нашудаанд ва ҳуҷҷат надоранд.

## ХУЛОСА
## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Натиҷаҳои таҳқиқоти созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки ҷамъоварӣ, коллексиякунонӣ ва оммавигардонии созҳо барои пажӯҳиш ва таҳқиқи амиқи решаҳои таърихии фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик нақши калидиро мебозад. Дар ин бобат нақши осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ ба вижа Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносӣ дар шаҳри Сталинобод (ҳоло шаҳри Душанбе), ки соли 1934 таъсис ёфтааст, хело калон аст [2-М].

Аз ҷониби дигар, аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур бар меояд, ки дар баробари мавҷудияти коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ, инчунин, осорхонаҳои соҳавии махсуси мусиқӣ ва созҳои мусиқӣ, ба мисли Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ ва Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков дар шаҳри Душанбе, Осорхонаи мусиқии Артисти халқии СССР Ҷӯрабек Муродов дар шаҳри Хуҷанд, Осорхонаи шоир ва ҳофизи номвари тоҷик Саидалӣ Ализода дар шаҳри Кӯлоб, Осорхонаи созҳои мусиқии Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон Минаков Мусаввал дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолият менамоянд, ки таъсис ва фаъолияти онҳо дар ҷамъоварӣ, муаррифӣ ва пеш аз ҳама, дар оммавигардонии созҳои мусиқии халқи тоҷик ҷойгоҳи махсус доранд.

Дар натиҷаи фаъолияти самараноки осорхонаҳои Тоҷикистон дар намоишгоҳҳо ва фондҳои онҳо беш 735 сози мусиқии халқи тоҷик ҷамъварӣ шудааст, ки барои омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи мусиқии халқи тоҷик сарчашмаи муҳим ва эътимоднок мебошанд. Дар

диссертатия коллексияи созҳои мусиқии ҳар як музей муфассал таҳқиқ ва тавсиф шудааст – миқдори созҳо, таърихи пайдоишашон, мансубияти этно- ҳудудии онҳо, хусусиятҳои инфиродӣ ва ғайра. Ба шароити нигоҳдорӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва роҳҳои таблиғ ва оммавигардонии соҳои мусиқӣ, диққати калон дода шудааст. Дар диссертатсия дар қатори дигар масъалаҳо ба таърихи ташаккулёбии коллексияҳои созҳои мусиқӣ ва саҳми донишмандони ватанӣ ва берунӣ дар ин падидаи муҳими илмӣ – фарҳангӣ нишон дода шудааст.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои муаллифи рисола тартиб дода шудани Феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон мебошад. Ин корест, ки то ҳол касе анҷом надода буд. Ин феҳрист, ки сурати созҳои мусиқиро низ дар бар мегирад, сарчашмаи муҳимме барои омӯзиши минбаъдаи таърихи пайдоиш ва инкишофи санъати мусиқии халқи тоҷик мебошад.

Дар заминаи омӯзиш муаллифи таҳқиқот қайд менамояд, ки дар баробари дастовардҳои мушаххас дар кори ҷамъоварии созҳои мусиқӣ ва таҳияи коллексияи онҳо дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор мушкилот дар ҳифзу пажӯҳиш ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ мавҷуд мебошанд. Камбудӣ ва мушкилоти асосии осорхонаҳоро дар самти мазкур метавон ба 5 гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Ҳуҷҷатнигории созҳои мусиқӣ;
2. Ҳолати нигоҳдорӣ;
3. Экспозитсиякунонии созҳои мусиқӣ;
4. Таҳқиқоти илмӣ;
5. Оммавигардонӣ.

1. Ҳуҷҷатнигорӣ, яъне бақайдгирии саҳеҳ ва минбаъд тартиб додани шиносномаи илмии ашёи осорхонавӣ ба хусус созҳои мусиқӣ яке аз муҳимтарин омили хифзи ҳуқуқии онҳо ба шумор меравад. Риояи ин кор барои омӯзиши замон, санаи воридшавӣ ва баромади таърихии ашёи осорхонавӣ ба хусус созҳои мусиқии осорхонаҳо хело муҳим аст. Вале мутаассифона дар аксарияти осорхонаҳои кишвар созҳои мусиқии воридшуда дуруст ва дақиқ ба қайд гирифта нашудаанд ва шиносномаи илмӣ низ надоранд.

2. Чуноне, ки маълум аст, нигоҳдории ашёи осорхонавӣ, аз ҷумла созҳои мусиқи дар фонди осорхона аз лиҳози ҳарорат, равшаннокӣ ва бехатарӣ талаботҳои махсусро талаб менамояд. Дар ин маврид дар бисёр осорхонаҳои кишвар масъалаҳои ҳалталаби зиёде мавҷуд мебошад. Яке аз осорхонаҳои муҳимми кишвар, ки ба ин мушкил рӯбарӯ аст, Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва марудшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Талаботи фонди осорхонаи мазкур барои нигоҳдории маводи мардумшиносӣ, ба хусус созҳои мусиқӣ ҷавобгӯ набуда, намнокии бинои фонд боиси нобудшавии баъзе созҳои мусиқӣ шудааст. Сабаб дар он зоҳир мегардад, ки фонд ва осорхонаи мазкур дар зери хонаҳои баландошёнаи истиқоматӣ қарор гирифтаанд. Ҳар замон

дар натиҷаи корношоямии шабакаҳои обгӯзари бинои истиқоматӣ фонди осорхона зери об монданаш мумкин аст, ки ин омил борҳо ба вуқуъ пайвастааст. Дар натиҷаи зери об мондани ашё ва коллексияҳои фонди он, боиси хоробшавии осори этнографӣ махсусан созҳои мусиқии осорхона гардидааст. Дар ин радиф бинои Осорхонаи созҳои мусиқии Минаков Мусаввал низ ба талаботҳои болозикр ҷавобгу набуда, намнокии бино боиси хароб гардидани созҳои мусиқӣ гардидааст.

3. Экспозитсиякунонии ашёи осорхонавӣ махсусан созҳои мусиқӣ низ яке аз муҳимтарин кори осорхонаҳо маҳсуб меёбад. Вале доир ба муаррифии созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо камбудиҳо ба чашм мерасанд: дар зернавиштҳо баъзан нодуруст сабт гардидани номи созои мусиқӣ; ба намоиш гузоштани созҳои мусиқии тармимталаб дар экспозитсияи осорхонаҳо; дар намоишгоҳи осорхонаҳо муаррифӣ нагардидани созҳои мусиқии ба устодони санъат тааллуқдоштаи фонди осорхонаҳо. Ин норасоиҳо дар бисёр осорхонаҳои кишвар, аз ҷумла дар Осорхонаи таърихии Вилояти Суғд ба чашм мерасанд [4-М].

4. Камбудиҳо ва масъалаҳои ҳалталаб дар омӯзиши илмии созҳои мусиқӣ низ ҷой доранд. То имрӯз танҳо созҳои ҷудогонаи мусиқии осорхонаҳои кишвар дар асару мақолаҳои баъзан муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ алалхусус мусиқишиносону этнографҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Мутаассифона дар ин таҳқиқоти олимон иштибоҳи зиёд ба назар мерасанд. Якум, иштибоҳи муҳаққиқон дар он зоҳир мегардад, ки номи созҳои мусиқии аз фонди осорхонаҳо истифоданамудаашонро таҳқиқгарон ғалат шарҳ додаанд. Дуюм, иштибоҳи муҳаққиқон боз дар он аст, ки созҳои мусиқии фонди осорхонаҳоро бидуни нишондоди ба кадом осорхона ё шахсият мансуб буданашон дар асарҳои худ истифода кардаанд. Сеюм, иштибоҳи муҳаққиқон ин аст, ки созҳои мусиқии такмилиро ба намунаи созҳои қадимаи тоҷикон бе овардани далелҳои муътамад мансуб дониста, истифода кардаанд ва ғайра.

5. Дар баъзан осорхонаҳои Тоҷикистон созҳои мусиқиро бо мақсади оммавигардонии фарҳанги мусиқии халқи тоҷик тавассути дастаҳои ҳунарӣ самаранок истифода мебаранд. Махсусан дар ин бобат дар назди Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибекови шаҳри Душанбе ансамбли фолклории “Само”, ҳамчунин дар назди Хона-музеи Мубораки Вахонӣ низ ансамбли фолклорӣ фаъолият менамоянд, ки бо барномаҳои консертии худ дар назди тамошобинон баромад мекунанд [5-М]. Минаков Нуриддин - роҳбари Осорхонаи созҳои мусиқии Минаков Мусаввал созҳои мусиқиро назди тамошобинон менавозад [1-М]. Ҳамин тавр, дар доираи чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ низ навозиши созҳои мусиқӣ ба роҳ монда шудааст [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

Ҳама мушкилоти мавҷудаи фаъолияти осорхонаҳоро дар самти ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва оммавигардонии коллексияҳои созҳои мусиқӣ таҳлилу баррасӣ ва мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати тавсеаи фаъолияти минбаъдаи осорхонаҳо аз ҷониби муаллиф чунин пешниҳодҳо манзур мегарданд:

1. Ҷамъоварии созҳои мусиқии намояндагони машҳури фарҳанги мусиқии тоҷик бо мақсади инъикоси таърихи фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик бояд бештар гардонида шавад.
2. Созҳои мусиқии ба фонди осорхонаҳо воридшаванда бояд минбаъд дар асноди осорхонавӣ саҳеҳ ва комил ба қайд гирифта шаванд.
3. Таъмини ҳолати бехатарии коллексияҳоии созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо ва эмин нигоҳ доштани онҳо аз фаношавӣ бояд кори ҷонии масъулин ва мутахассисони соҳа бошад.
4. Бо мақсади дуруст муаррифӣ намудани созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо имрӯз ҷалби созтарошони касбӣ дар самти тармими созҳои мусиқӣ зарур мебошад.
5. Бо ҷалби санъатшиносон ва мутахассисони соҳаи мусиқӣ тавсиф ва таҳқиқи коллексияҳоии созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо ҳамчун сарчашмаи муҳим баҳри омӯзиши таърихи фарҳанги мусиқии тоҷик ва дар ин замина таҳияи феҳристи ҷудогонаи созҳои мусиқӣ амри воқеӣ буда, дар ин самт бояд чораҳои муассир андешида шаванд.
6. Минбаъд мебояд ки барномаи ягонаи илмӣ-методии соҳаи созтарошӣ ҳамчун дастури роҳнамо барои ба як низоми муайян даровардани фаъолияти созтарошони ҷумҳурӣ таҳия карда шавад.
7. Бо мақсади оммавигардонии созҳои мусиқии мардуми тоҷик бо ҷалби навозандагони моҳир созмон додани барномаҳои консертӣ дар чорабиниҳои фарҳангии осорхонаҳо ҳарчи бештар роҳандозӣ карда шаванд.

## МАВОДИ ЧОПШУДА, КИ МАЗМУНИ АСОСИИ КОРРО ИНЪИКОС МЕКУНАНД

### Мақолаҳои дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА ҶТ шомил буда:

**1-М.** Нурматзода, Х. Из истории создания коллекции музыкальных инструментов в музеях ГБАО / Х. Нурматзода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/2. – С.59-62.

**2-М.** Нурматзода, Ҳ. Аз таърихи ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии миллӣ дар Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод (аз солҳои 1930 тосолҳои 1980) / Ҳ. Нурматзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷ
икистон. – Душанбе: Сино, 2017. – № 3/5. – С.23-28.

**3-М**. Нурматзода, Ҳ. Аз таърихи таъсисёбӣ ва фаъолияти Осорхонаи Ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ / Ҳ. Нурматзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – 2018. – №3 (75). – С.271-276.

**Дар дигар маҷаллаҳои илмӣ.**

**4-М.** Нурматзода, Ҳ. Созҳои мусиқӣ дар фазои Осорхонаи таърихии Вилояти Суғд / Ҳ. Нурматзода, И. Мирзоева, А. Ирмонҷонава // Ахбори Осорхонаи таърихии Вилояти Суғд. – 2018. – №3. – 5 феврал. – С.68-75.

**5-М.** Нурматзода, Ҳ. Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков ва нақши он дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ / Ҳ. Нурматзода // Мероси ниёгон. – Душанбе, 2019. – №21. – С. 112-114.

*На правах рукописи*

УДК 9+78 (575.3)

**НУРМАТЗОДА ХАСАН**

# МУЗЫКАЛЬНЫЕ ИНСТРУМЕНТЫ КОЛЛЕКЦИЙ МУЗЕЕВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ИСТОЧНИК ИЗУЧЕНИЯ ИСТОРИИ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание ученой степени**
**кандидата исторических наук**

**Специальность 07.00.09. – Историография, источниковедение**
**и методы исторического исследования**

**Душанбе – 2019**

Диссертация выполнена в отделе истории и теории искусств Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Академии наук Республики Таджикистана

**Научный руководитель:** **Кабилова Бахринисо Туйчиевна -** доктор исторических наук, главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан

**Научный консультант:** **Раджабов Аскарали -** доктор исторических наук, профессор, заведующий отделом историии теории искусств Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан

**Официальные оппоненты:** **Набиев Вахоб Машрабович -** доктор исторических наук, профессор кафедры Отечественной истории Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова

**Сайнаков Сайнак Парпишоевич -** кандидат исторических наук, дотсент, заведующий кафедрой всеобщей истории Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни

**Ведущая организация:** Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М.Турсунзаде

Защита состоится 19 марта 2020г. в 13:30 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-005 по защите диссертаций на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности при Институте истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Академии наук Республики Таджикистан (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке им. И. Ганди и на официальном сайте Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ (www.institute-history.tj).

Автореферат разослан: « _____» ________________ 2020 г.

**Учёный секретарь**
**Диссертационного совета,**
**доктор исторических наук** **Ходжаева Нж.**

## Общая характеристика работы

**Актуальность темы.**Таджикский народ имеет древнюю и богатую музыкальную культуру. На протяжении веков мастерами этого народа создавались уникальные образцы музыкальных инструментов, многие из которых дошли до нашего времени и хранятся в известных крупных музеях мира.  Важной частью этого исторического и культурного наследия таджиков составляют коллекции музыкальных инструментов, хранящиеся в музеях Таджикистана.  Коллекции широко используются не только в научных целях, но и в деле популяризации музыкальной культуры и воспитания у граждан, и прежде всего, подрастающего поколения чувства любви к культуре и искусству своего народа.

Исследование музейных коллекций музыкальных инструментов имеет большое значение для освещения истории музыкального искусства таджиков на разных этапах его развития – от древности и средневековья до настоящего времени.

Следует подчеркнуть, что традиционные народные музыкальные инструменты в силу своей многомерности (с одной стороны, компонент материальной, с другой - духовной культуры) являются одним из сложных и многоплановых объектов изучения. Они входят в сферу научных интересов искусствоведов, музыковедов, органологов, историков, археологов, этнографов (этнологов), культурологов, социологов, акустиков, материаловедов и многих других специалистов. Необходимость создания, изучения и сохранения  музейных коллекций музыкальных инструментов отмечена Основателем мира и национального единства – Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном. В Книге посетителей Музея музыкальных инструментов Гурминджа Завкибекова (далее музей Завкибекова – Х.Н.) Президент написал следующее: “Музей музыкальных инструментов Завкибекова произвел на меня огромное впечатление. Это первый в республике музей, в котором, благодаря усилиям известного артиста, собраны уникальные народные музыкальные инструменты. В музее представлены музыкальные инструменты различных народов мира. Этот музей играет большую роль в эстетическом воспитании общества, в особенности молодёжи”[30].

Впервые коллекции музыкальных инструментов всех музеев Таджикистана стали объектом комплексного исследования на основе их непосредственного изучения, архивных данных и музейной документации. До этого лишь отдельные образцы музыкальных инструментов музеев Таджикистана были исследованы отечественными и зарубежными учёными.

**Степень изученности темы.** Традиционные музыкальные инструменты таджикского народа исследованы русскими и таджикскими учёными. Рассматриваются они в разных ракурсах: как явления материальной культуры, как определенные исторические, социальные,

[30]Раҳмонов, Э. Таассурот аз боздиди Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков / Э. Раҳмонов // Баҳори Аҷам. – 1998. - №7. – декабр.

национальные атрибуции, как акустические системы. Исходя из цели нашего исследования, мы остановимся на тех источниках, которые связаны с собиранием, коллекционированием, сохранением и популяризацией музыкальных инструментов таджиков.

Первыми собирателями и исследователями традиционных музыкальных инструментов таджикского народа являются русские исследователи второй половины XIX – начала XX вв. А.Ф. Эйхгорн, И.И. Зарубин, А.Н. Самойлович, К.Н. Росьет, И.И. Рачинский и др. Собранные ими музыкальные инструменты в настоящее время хранятся в музеях Российской Федерации и являются важным источником не только в деле популяризации, но и для научного исследования.[31]

К числу первых собирателей музыкальных инструментов таджикского народа относится и таджикский краевед XIX в. Акрам-палван Аскаров. Собранные им таджикские музыкальные инструменты хранятся в Государственном Эрмитаже. Об этих музыкальных инструментах упоминает известный русский историк-востоковед В.В. Бартольд.[32]

Среди первых среднеазиатских исследователей таджикских музыкальных инструментов, хранящихся в музеях, отметим Ф.М. Кароматова и Н.Х. Нурджанова. Еще в 1959 г. во время первой искусствоведческой экспедиции в Бадахшан они исследовали музыкальные инструменты “рубоб кумри” и “рубоб баландзиком”, хранящиеся в Историко-краеведческом музее г. Хорога. Результаты этих исследований с подробным описанием упомянутых музыкальных инструментов и их фотографиями были изданы в монографии этих авторов “Музыкальное искусство Памира”.

---

[31]Полная коллекция музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – 16 с.; Зарубин, И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков Долина Бартанга / И. И. Зарубин // Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. – Петроград, 1917. – Т.V. – С.126; Миронов, Н. Музыка таджиков / Н. Миронов. – Сталинабад, 1932. – 78 с.; Виноградов, В. С. Киргизская народная музыка / В. Виноградов. – Фрунзе: Киргизгосиздат, 1958. – 335 с.; Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.; Садоков, Р. Музыкальные инструменты древнего Хорезма в памятниках изобразительного искусства / Р. Садоков // Музыка народов Азии и Африки. – М., 1969. – Вып.1; Музыкальная культура древнего Хорезма. – Москва : Наука, 1970. – 138 с.; Кароматов, Ф. Узбекская инструментальная музыка (наследие) / Ф. Кароматов. – Ташкент, 1972. – 360 с.; Музыкальные инструменты народов Советского Союза в фондах Государственного центрального музея музыкальной культуры имени М. И. Глинки. Каталог / Составитель В. М. Куликов. – Москва, 1977. – 62 с. с илл.; Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – С.140-152; Slobin, Mark. Zentralasien // Aussereuropaische Musik in Einzeldarsteiiungen. Kassel, Basel, London; dtv. Brenreiter, edition MGG, 1980; Хакимов, Н. Г. Музыкальный инструментарий таджиков // Таджикская музыка (коллектив авторов). – Душанбе, 2003; Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013; Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с. илл.; Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.; Кабилова, Б. Т. Истории музыкальной культури Таджикистона в 1917-1957: Дисс. док. истор. наук / Кабилова Бахринисо Туйчиевна. – Душанбе, 2016. – С.54.

[32]Бартольд, В. В. Ташкентский коллекционер Акрам-Пахлаван Аскаров / В. В. Бартольд. – Окраина; Самарканд, 1898. – №423.

В 1963 г. русские исследователи Вертков К.А., Благодатов Г., Язовицкая Э. издали “Атлас музыкальных инструментов народов СССР” в который были включены таджикские музыкальные инструменты из фондов Объединённого музея историко-краеведческого и изобразительного искусства им. К.Бехзода - маленкий дутор (думбра), рубоб кумри, бадахшанская скрипка и чанбара (чиндаул).[33]

После обретения Таджикистаном независимости возрос интерес искусствоведов к таджикским музыкальным инструментам, хранящимся в музеях. Весомый вклад в изучение этих инструментов внесли таджикские учёные А.Низоми, Х. Махмадамонов, Низомов Х. Таваккалов Х., Нуров З.Г., Шарифзода Ф. В ряде монографий, посвящённых музыкальному искусству таджикского народа, в том числе в монографиях Х. Низомова “Таджикские музыкальные инструменты и музыкальное искусство”,[34] Х. Махмадамонова “Музыкальные инструменты Бадахшана”, Х. Таваккалова и Ш. Мамадшерзодшоева “Бадахшанский рубаб в зеркале истории и в преданиях”,[35] А. Низоми “История музыкального искусства таджиков”[36] исследован ряд музыкальных инструментов из коллекций музеев Таджикистана.

В кандидатской диссертации Нурова Г.З. “Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XX1вв.)”.[37] и в монографии Ф. Шарифзода «Социально-культурная деятельность музеев Таджикистана в период независимости (1991-2011 гг.)» приведены краткие сведения о коллекциях Музея музыкальных инструментов Г. Завкибекова и Республиканского музея музыкальной культуры им. З. Шахиди.[38]

В первом томе трёхтомного издания “Энциклопедия культуры таджикского народа” (2015, 2017, 2019 гг.) приведены краткие сведения о музыкальных инструментах дунай, дутор, баландзиком, баландмаком, два вида гиджака, даф и доира из Музея музыкальных инструментов Г.Завкибекова, ударный инструмент “кошук” из Исторического музея Согдийской области,[39] во втором томе орнаментированный барабан (табл) из Национального музея Таджикистана.

Музыкальная культура таджикского народа имеет глубокие традиции. Об этом свидетельствуют находки древних музыкальных инструментов при археологических раскопках. Эти находки хранятся и

---

[33]Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.

[34]Низомов, Х. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ / Х. Низомов. – Душанбе: Бебок, 2012. – 158 с.

[35]Таваккалов, Ҳ. Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе, 2019. – 199 с.

[36]Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.

[37]Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – 27 с.

[38]Шарифзода, Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-20011 гг.) / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.125.

[39]Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2015. – №1. – 668 с.

экспонируются в музеях и используются как в научных целях, так и для популяризации музыкальной куьтуры таджикского народа.[40]

Большой вклад в изучение древних и средневековых музыкальных инструментов таджикского народа внёс отечественный искусствовед Н.Г. Хакимов.[41] В своих исследованиях он рассматривает музыкальный инструментарий, как с точки зрения изучения материальной культуры, имеющей непосредственное отношение к истории музыкального искусства, так и с особенностями эволюции музыкального мышления. Традиции народного инструментального музицирования таджиков исследователь связывает с различными сторонами быта, материальной и духовной культурой, историей народа. Описывая музыкальные инструменты, он приводит археологические материалы, сведения из многочисленных средневековых трактатов по музыке.

Таким образом, первыми собирателями и исследователями таджикских музыкальных инструментов были русские музыканты и этнографы XIX- начала XX в. Большой вклад в изучение таджикских музыкальных инструментов внесли и отечественные учёные. Вместе с тем, в отечественной историографии до настоящего времени отсутствует специальное исследование, посвящённое изучению коллекций таджикских музыкальных инструментов в музеях Республики Таджикистан. Этот пробел и пытался заполнить автор предлагаемого исследования.

**Цель и задачи исследования.** Целью исследования является комплексное изучение коллекций музыкальных инструментов,

---

[40]Живопись древнего Пенджикента. – М.: Издательство АН СССР, 1954. – 207 с. илл. 41 л. илл.; Искусство таджикского народа. – Сталинабад, 1960. – Вып.2. – 375 с.; Искусство таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1965. – Вып.3. – 349 с.; Серегин, В. Я. Раскопки по городище Ках-Каха 1 (Шахристан 1) / В. Я, Серегин // Сообщения Государственного республиканского музея истории краеведческого и изобразительного искусство. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Вып. IV. – С.29-58; Бубнова, М. А. Результаты раскопок поселения Базар-Дара в 1973 г. / М. А. Бубнова // Археологические работы в Таджикистане - Душанбе: Дониш, 1977. – Вып.XIII (1973 год). – 271 с.; Раҷабов, А. Созҳои мусиқӣ дар аҳди Сосониён / А. Раҷабов // Искусство Таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.191; Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.; Гулямова, Э. Музыкальные инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Известия Академии наук Таджикской ССР. – 1985; Гулямова, Э. Музыкальный инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С.133-134; Древности Таджикистана: каталог выставки. – Душанбе: Дониш, 1985. – 339 с.; Курбонов, Ш. Музыкальный инструмент из Тали Хамтуда (1-111 вв. н.э.) / Ш. Курбонов // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С.153-154; Бубнова, М. Древние музыкальные инструменты с территории Горно-Бадахшанской автономной области (по археологическим материалам) / М. Бубнова // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. Доклады и сообщения. – Душанбе, 1999. – К.1. – С.136 – 144; Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – Т.1. – 502 с.; Раҷабов, А. Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён (Музыка в культуре Саманидов) / А. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 197 с.; Хакимов, Н. Г. Музыкальная культура таджиков / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 2004. – Кн.2. – 605 с., с илл.; Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с., илл.; Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384. – С.344.

[41]Хакимов, Н. Г. Музыкальная культура таджиков / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 2004. – Кн.2. – 605 с., с илл.

хранящихся в музеях Республики Таджикистан и представляющих собой первоисточники для изучения истории и культуры таджикского народа. Являясь частью культурного наследия, коллекции инструментов не только хранят, но и популяризируют достояние таджикского народа. Для достижения этой цели поставлены следующие задачи:
- определить роль коллекций музыкальных инструментов, как составной части национального культурного наследия;
- раскрыть роль русских исследователей в формировании музейных коллекций музыкальных инструментов таджикского народа;
- дать описание и характеристику коллекций музыкальных инструментов музеев г. Душанбе и определить их роль в истории и культуре таджикского народа, а также в повышении культуры жителей и гостей столицы;
- изучить роль районных и областных музеев Республики Таджикистана в сохранении, изучении и популяризации музыкальной культуры таджикского народа;
-проанализировать деятельность музеев в коллекционировании музыкальных инструментов, их хранении и оформлении необходимой документации;
- исследовать способы и пути популяризации музыкальных инструментов в музеях;
- определить роль современных мастеров по изготовлению музыкальных инструментов в пополнении музейных коллекций.

**Объектом настоящего исследования** являются коллекции музыкальных инструментов таджикского народа в музеях Республики Таджикистан.

**Предмет исследования** – исследование коллекций музыкальных инструментов, как источника по изучению истории и культуры таджикского народа, а также в деле популяризации.

**Хронологические рамки исследования** охватывают период с 1930г. по 2019 г., который условно делится на два этапа: первый этап - с 1930- х гг. до 1991, т.е. с момента организации первого музея в г. Душанбе (1934г.) до обретения Таджикистаном независимости; второй этап – с 1991 до 2019 гг. Основанием для выделения этапов послужили, произошедшие в Таджикистане политические и социально-экономические изменения, оказавшие определённое влияние на развитие культуры, в частности, музейного дела.

**Научная новизна** диссертации заключается в том, что впервые коллекции музыкальных инструментов всех музеев Таджикистана стали объектом специального и комплексного исследования. На основе архивных данных и музейной документации впервые дается их общее количество с паспортизацией. Кроме того, впервые составлен Сводный каталог музыкальных инструментов музеев Республики Таджикистан.

**Методологическая основа исследования.** При написании диссертации автор использовал методы, выработанные в трудах русских

и отечественных учёных. Автор широко использовал исторический, культурологический и аналитические методы научного исследования.

**Источниковедческая база исследования.** Основным источником послужили коллекции музыкальных инструментов музеев Таджикистана, которые были непосредственно изучены и описаны автором диссертации. Другим источником стали архивные материалы, музейная документация, нормативно-правовые акты, государственные проекты, информация периодической печати. По содержанию источники можно разделить на шесть групп:

1. Коллекции музыкальных инструментов музеев Таджикистана;
2. Материалы Центрального Государственного архива Республики Таджикистан;
3. Архивы центральных республиканских, отраслевых, районных и областных музеев;
4. Законы Республики Таджикистан, Постановления правительства Республики Таджикистан,[42] Государственные программы;
5. Материалы периодической печати;
6. Беседы с искусствоведами, музыкантами и руководителями музеев республики.

**Практическое и теоретическое значение исследования.** Основные результаты диссертации можно использовать:

- при подготовке обобщающих трудов по истории музыкальной культуры таджикского народа;
- при составлении научных трудов, статей и учебных пособий по истории развития музыкальных инструментов таджикского народа;
- при чтении спецкурсов по истории и культуре таджикского народа, музыкальной культуре, музееведению, этнографии в высших учебных заведениях.

**Основные положения, выносимые на защиту:**

- формирование коллекций музыкальных инструментов таджикского народа началось во второй половине XIX - начале XX вв. и тесно связано с именами русских музыкантов и этнографов А.Ф. Эйхгорна, И. И. Зарубина, А. Н. Самойловича, К. Н. Росьета и И. И. Рачинского и др. Именно они впервые зафиксировали музыкальные инструменты таджиков и сохранили их в виде коллекций, которые в настоящее время хранятся в музеях Российской Федерации;

[42]Постановление Совет Министров Таджикской ССР «О присвоении имени З. Шахиди Музею музыкальной культуры». – Душанбе, 1989. – № 23. – 25 январ // Бойгониичории Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ; Нусхаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иваз кардани номи Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзоди ш. Душанбе, аз 27 ноябри соли 1999 таҳти №473 // Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон; Решение Душанбинский городской совет народных депутатов «Опри возмездной передаче демостронения по ул. К. Маркс, 108 на баланс Академии наук Таджикской ССР для организации Дом-музея и выделение квартиры семье Шахиди»- Душанбе, 1987.- № 94.- 25 феврал // Бойгонии ҷории Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ.

- одним из первых отечественных собирателей музыкальных инструментов является таджикский краевед XIX в. Акрам-Палван Аскаров. Собранные им музыкальные инструменты в настоящее время хранятся в Государственном Эрмитаже;
- планомерное коллекционирование музыкальных инструментов в Таджикистане началось в 1930-е годы, что было связано с созданием первых историко-краеведческих музеев;
- в формирование и развитие коллекций музыкальных инструментов музеев Таджикистана большой вклад внесли работники музеев, учёные-историки, искусствоведы, деятели культуры и искусства, а также мастера – изготовители музыкальных инструментов;
- коллекции музыкальных инструментов, хранящиеся в музеях Таджикистана являются надёжным источником для исследования истории развития музыкального искусства таджикского народа. Материалы из музейных коллекций частично использованвы в работах А. Низоми, Х. Махмадамонова, Х. Низомова, Х.Таваккалова, З.Г. Нурова, Ф.Шарифзода и др.;
- большинство коллекций музыкальных инструментов сосредоточены в музеях г. Душанбе. К примеру, в Национальном музее древностей Таджикистана имеются музыкальные инструменты, найденные в ходе археологических раскопок и датируемые от III-II в. до н.э. до IX-X вв. н.э., что свидетельствует о древних и высокоразвитых музыкальных традициях таджикского народа;
- в г. Душанбе функционируют два специализированных музея музыкальных инструментов – это Республиканский музей музыкальной культуры им. З. Шахиди и Музей музыкальных инструментов Гурминджа Завкибекова. С целью популяризации народной музыкальной культуры при Музее Завкибекова создан фольклорно-этнографический ансамбль «Само».
- составление Сводного каталога музыкальных инструментов из музеев Таджикистана является результатом исследовательской работы, проведенной во время сбора матерала;
- выставление музыкальных инструментов для общего обозрения через постоянные экспозициии, их использование в различных культурных мероприятий являются важным направлением в деятельности музеев и популяризации музыкального наследия таджикского народа.

**Апробация результатов исследования.** Основние результаты диссертации опубликованы в 5 научных статьях автора, в том числе в трёх статьях в научных журналах, включенных в перечень рецензируемых периодических изданий при Президенте РТ. Также основные результаты исследования были изложены в виде докладов на Республиканских научных конференциях, в том числе доклад на научно-

теоретической конференции Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан на тему ”Вклад таджикских мастеров в усовершенствовании музыкальных инструментов (13.04.2018 г); доклад на республиканской научно-теоретической конференции“Роль исторических памятников в развитии туризма и народных промыслов” на тему “Роль Музея музыкальных инструментов Гурминджа Завкибекова в развитии иностранного туризма” (08.12.2018 г.).

**Структура диссертации.** Диссертация состоит из введения, двух глав, заключения, списка литературы и приложении.

## ОСНОВНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ДИССЕРТАЦИИ

Во введении обоснованы актуальность и новизна темы, определены степень изученности и источниковедческая база, цель и задачи, основные положения, выносимые на защиту.

**Первая глава “Основные этапы и особенности изучения таджикских музыкальных инструментов”** состоит из двух параграфов. Первый параграф **“**Таджикские музыкальные инструменты в коллекциях музеев Россиской Федерации как источник изучения истории музыки таджиков**”** посвящен первым русским коллекционерам второй половины XIX – начала XX вв., которые внесли весомый вклад в этом деле. К ним относятся А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росьет, музыкант и композитор И. И. Рачинский. Собранные ими в Средней Азии музыкальные инструменты хранятся в Музее антропологии и этнографии им. Петра Великого (Кунсткамера) РАН, Российском этнографическом музее в Санкт-Петербурге, во Всероссийском музейном объединении музыкальной культуры им. М.Глинки в Москве.

